آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

20 ноябри соли 2024 Чоршанбе № 93 (15104)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ТАНҲО ИРОДАИ МУСТАҲКАМ, ЯГОНАГӢ, ВАҲДАТ ВА МЕҲНАТИ ФИДОКОРОНА СУЛҲУ ПЕШРАФТРО ДАР МАМЛАКАТИ МО ТАЪМИН КАРДА МЕТАВОНАД

19 ноябр дар Тошканд ҷамъомади нахустини умумии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор шуд





Дар ҷамъомад Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев иштирок кард.

Чорабиниро раиси Комиссияи марказии интихоботӣ Зайниддин Низомхӯҷаев ифтитоҳ намуд.

Суруди миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон садо дод.

Барои ташкили кори ҷамъомади умумӣ котибот ва гурӯҳ бинобар назорати овоздиҳии электронӣ, ҳамчунин рӯзномаи маҷлис тасдиқ гардид. Раиси Комиссияи марказии интихоботӣ дар бораи натиҷаҳои интихобот ба Сенати Олий Маҷлис маълумот дод.

Зикр гардид, ки ҷараёни мазкур ошкоро ва одилона, мувофиқи таҳрири нави Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва қонунгузории такмилёфтаи миллии интихоботӣ гузашт.

Мувофиқи Қонуни Асосӣ аъзои Сенат аз тариқи овоздиҳии пӯшидаи депутатҳои мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Қарақалпоқистон, вилоятҳо, ноҳия ва шаҳрҳо ба ҷамъомади дахлдори муштарак интихоб карда шуданд. Аз ҳар кадом ҳудуд миқдори баробар – чаҳорнафарӣ интихоб гардиданд. 9 сенатори дигар бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъин карда шуданд.

Дар ҷамъомади умумӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев маърӯза кард ва аъзои ҳайати нави Сенатро бо эътимоди баланде, ки нисбати онҳо зоҳир гардид, муборакбод намуд.

Таъкид шуд, ки ҳайати собиқаи Палатаи болоӣ дар рушди мамлакат саҳми муносиб гузошт. Тӯли панҷ соли охир аз ҷониби Сенат 106 ҳисобот шунида шуд, 1300 пурсиш ба мақомоти иҷроия фиристода шуданд. Нуфузи парлумон дар арсаи байналхалқӣ низ хеле афзуд. Дар ин давра миқдори гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ бо кишварҳои хориҷӣ аз 26 то ба 73 адад расид.

Бинобар ислоҳоти конститутсионӣ ҳайати Сенат мувофиқ карда, миқдори аъзои он аз 100 то ба 65 нафар ихтисор шуд. Ҳамзамон ваколат ва масъулияти сенаторон чандин карат афзуд. Аз ҷумла, вазифаҳои назоратии палатаи болоии парлумон, иштироки он дар ташаккул додани як қатор мақомоти асосии давлатӣ бештар гардид. Сенат ҳамчунин соҳиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ шуд.

Президент эътибори ҷамъомадагонро ба вазъи байналхалқӣ ҷалб намуда, аз ҷумла муҳимияти сулҳу салоҳ ва ягонагиро таъкид кард.

– Дар чунин як вазъи мураккаб мо метавонем сулҳу салоҳ ва рушди кишварамонро танҳо ба шарофати иродаи мустаҳкам, ягонагӣ, ваҳдат ва меҳнати фидокорона таъмин намоем. Муҳтарам сенаторон ва депутатҳои шӯроҳои маҳаллӣ, ман бовар дорам, ки шумо ин ҳақиқати муҳим ва масъулияти бузурги худро амиқ дарк мекунед, – изҳор дошт Шавкат Мирзиёев.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

НУТҚИ ПРЕЗИДЕНТ ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҶАМЪОМАДИ НАХУСТИНИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

Ассалому алайкум, аъзои муҳтарами Сенат!

Дӯстони азиз!

Пеш аз ҳама Шумо, азизонро бо эътимоди баланде, ки сазовор шудед, аъзои Сенати Олий Маҷлис гардидед, аз таҳти дил ва самимона муборакбод менамоям.

Бешубҳа, сенатор ном ва мақоми баланду пуршараф, баробари ин ҳамаамон хуб медонем, ки масъулияти бузург ҳам ҳаст.

Умедворам, ки шумо дар роҳи барпо кардани Ӯзбекистони Нав, бунёди ҳаёти орому осоишта, озоду фаровони халқ тамоми дониш ва таҷриба, иқтидор ва салоҳияти худро истифода бурда, эътимоди халқамонро сафед мекунед.

Дар натиҷаи интихоботе, ки бо рақобати ҷиддӣ, дар рӯҳи адолат ва рӯшодӣ гузаштанд, таркиби даъвати панҷуми Сенат аз ҷиҳати сифат хеле баланд гардид. Ҳоло дар шахси шумо бисёр вакилони соҳа ва самтҳои пешқадам, намояндагони шинохтаи сиёсат, иқтисодиёт, илму фан ва фарҳангро мебинам ва аз ин хеле хурсанд ҳастам.

Ҳангоми дар бораи салоҳияти зеҳнии сенаторонамон сухан рондан, бояд махсус таъкид намоям, ки аз ҳар 3 нафар яке дорои дараҷаи илмӣ мебошанд.

Он чиз боиси эътибор аст, ки тақрибан 25 фоизи аъзои Сенат, ё худ 16 нафари онҳо занону духтарон мебошанд. Ин бошад, бахри ҳифзи ҳуқуқи модару кӯдак, занону духтарон, умуман фаъолияти қонунгузорӣ бинобар масъалаҳои иҷтимоӣ ва беш аз пеш пурқувват кардани назорати парлумонӣ, бешубҳа, аҳамияти муҳим дорад.

Интихоботе, ки дар мамлакатамон баргузор шуданд, агар гӯем, ки ҳам дар пешрафти давлат ва ҷамъият ва ҳам фаъолнокии шӯроҳои маҳаллӣ даврони навро боз карданд, хато намешавад. Таркиб ва мақоми шӯроҳои навинтихобшудаи маҳаллӣ аз ҳайати пешина куллан фарқ мекунад. Таркиби он анқариб 60 фоиз нав шуд, беш аз 3 ҳазор ҳамватанонамон бори аввал депутат интихоб шуданд, ки тасдиқи гуфтаҳои болост. Бахусус дар шӯроҳои маҳаллӣ саҳми занони депутат ба 32 фоиз расид, миқдори депутатҳои то 30-сола 3,5 баробар афзуд ва ба 266 нафар расид, ки бобати муносибат ва нуқтаи назари нав дар фаъолияти Сенат нақши муҳим хоҳад бозид. Аксар сенатороне, ки дар ҷамъомади имрӯза ширкат меварзанд, депутатҳои шӯроҳои маҳаллӣ ҳам мебошанд.

Ҳар кадоми мо хуб дарк менамоем, ки дар вазъи кунунӣ, ки дар миқёси ҷаҳон вазъият қатъиян мураккаб мегардад, таъмин сохтани сулҳу салоҳ ва пешрафти мамлакат ба вазифаи аз ҳарвақта муҳимтар табдил меёбад.

Тавре ки шоир ва мутафаккири бузург, ниёямон Паҳлавон Маҳмуд фармудааст, агар ачдоди гузаштаи мо як тӯфонро аз сар гузаронида бошанд, имрӯз мо ҳазорҳо тӯфонро аз сар мегузаронем. Воқеан, ҳар кадом муаммои ҷаҳоние, ки мо имрӯз бо он рӯ ба рӯ мешавем, оё тӯфоне нест?

Зиддиятҳои хунин дар минтақаҳои гуногун, фоҷиаҳои экологӣ ва техногенӣ, дигаргуниҳои иқлимӣ, инқирозҳои иқтисодӣ, тахдидҳои террористӣ ва экстремистӣ, мушкилоти нашъамандӣ торафт авҷ мегиранд, ки инро ҳамаи мо мушоҳида мекунем.

Дар чунин як вазъияти мушкил мо танҳо аз тариқи иродаи мустаҳкам, ягонагӣ ва ваҳдат, бо меҳнати фидокорона метавонем сулҳу салоҳ ва пешрафти кишварамонро таъмин намоем.

Бовар дорам, ки сенаторони муҳтарам, депутатҳои аз шӯроҳои маҳаллӣ интихобшуда ин ҳақиқати воқеӣ, масъулияти бузурги ба зиммаашон гузошташударо амиқ дарк мекунанд ва мувофиқи он кор мебаранд.

Дӯстони азиз!

Барои татбиқ намудани вазифаҳои бузурге, ки ба барпо кардани Ӯзбекистони Нав нигаронида шудаанд, таркиби аввалаи палатаи болоӣ саҳми муносиб гузошт. Бахусус, Сенат бахри муътамадона таъмин намудани масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи занон, аз зӯроварӣ ҳифз намудани бонувону духтарон ва кӯдакон фаъолнокии махсус зоҳир намуд. Тӯли панҷ соли охир аз ҷониби палатаи болоӣ 106 ҳисобот шунида шуд, 1300 пурсиш ба мақомоти иҷроия ворид гардид, ки натиҷаҳои хеле муҳим ба шумор мераванд.

Нуфузи парлумон низ дар арсаи байналхалқӣ ба дараҷаи эҳсосшаванда меафзояд. Дар давраи сипаришуда миқдори гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ бо давлатҳои хориҷӣ аз 26 то ба 73 адад афзуд. Сенати мо ба анҷумани занону духтарони Осиё, ҷамъомади байнипарлумонии давлатҳои Осиёи Марказӣ барин чорабиниҳои бузурги байналхалқӣ мизбонӣ кард.

Соли оянда иҷлосияи 150-умини Ассамблеяи байнипарлумонии иттифоқ, яъне анҷумани ҷашнӣ дар пойтахти мо баргузор мегардад, ки сазовори эътибори махсус мебошад. Фикр мекунам, агар Сенат барои дар сатҳи бағоят баланд гузоштани ин анҷумани байналхалқӣ сару сарвар шавад, айни муддао мегардад.

Дар ин маврид бояд таъкид кунам, ки бинобар назорати парлумонӣ аз иҷрои муоҳидаҳои байнидавлатӣ дар Сенат аввалин амалиёти мусбӣ ба роҳ монда шуд.

Муҳтарам сенаторон!

Дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ таркиби Сенат ихчамтар шуд, миқдори аъзои он аз 100 ба 65 нафар ихтисор гардид. Ҳамзамон ваколат ва масъулияти сенаторон чандин карат афзуд. Бахусус назорати парлумонии Палатаи болоӣ ва иштироки он дар ташаккул додани як қатор мақомоти муҳими давлатӣ ба дараҷаи эҳсосшаванда вусъат пайдо кард.

Боз як масъалаи муҳим. Пештар сенаторони мо бобати иштирок дар тадбирҳои назоратӣ, ё худ вохӯрӣ бо интихобкунандагон бинобар ҳаллу фасли муаммоҳои дар қонунҳо муайяншуда ваколати дақиқ надоштанд. Бинобар дар Сарқонуни нав ба Сенат додани ҳуқуқи ворид кардани таклифи қонунгузорӣ ин масъала ҳаллу фасли худро дарёфт. Муътақидам, ки сенаторони навинтихобшуда дар ин ҷараён фаъолона ширкат меварзанд.

(Давомаш дар саҳ.2).

РУШДИ ХОҶАГИҲОИ ЧОРВОДОРӢ

Барои фаровонии зиндагии халқ ва рушди барқарории иқтисодиёти мамлакат кишоварзӣ, аз ҷумла соҳаи чорводорӣ нақши муҳим дорад. Бинобар ин, аз солҳои аввали истиқлолият барои қонеъ сохтани эҳтиёҷи аҳолӣ ва дар бозори дохилӣ зиёд кардани гӯшт, шир, тухм, моҳӣ ва дигар маҳсулоти чорво, ҳамчунин таъмин кардани барқарории нарх дар бозор эътибори алоҳида дода мешавад.

Бо ташаббуси шуъбаи тошкандии Донишгоҳи давлатии тиббии ветеринарӣ, чорводорӣ ва биотехнологии Самарқанд дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ оиди рушди илм ва ислоҳоти таълим дар соҳаи ветеринария ва чорводории ҷумҳурӣ нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ проректори якум доир ба масоили ҷавонон ва корҳои маънавию маърифатии донишгоҳ Алибек Ғаффоров таъкид кард, ки дар мамлакатамон масъалаи ҳарҷониба рушд додани ветеринария ва чорводорӣ ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шуда, то имрӯз дар соҳа бо ташаббуси Сарвари давлат 5 фармон, 32 қарор ва 55 қарори Девони Вазирон қабул гардидааст. Мувофиқи ақидаи мутахассисон пешрафти соҳа ба дуруст ташкил кардани корҳои наслгириву наслпарварӣ, истифодаи васеъ аз таҷриба ва комёбиҳои пешқадами ҷаҳонӣ, эҳтиёт кардани генофонди зотҳои маҳаллии чорво ва ҳамзамон дар хоҷагиҳо зиёд кардани саршумори молҳои наслдор ва ғайра вобастагии зиёд дорад.

Дар кишварамон ба мақсади беҳтар кардани наслпарварӣ, рушди хоҷагиҳои фермерии чорводорӣ ва дар онҳо зиёд намудани чорвои калони наслдор, баланд бардоштани маҳсулнокӣ дар давоми соли чорӣ аз Белорус, Полша, Австрия, Олмон, Нидерландия ва мамлакатҳои дигари Аврупо 80 ҳазор сар гови наслдори навъҳои голштинфриз, алобуло, симментал, голштейн ва ғайра, ки маҳсулнокиашон баланд мебошанд, харида шуданд, – гуфт директори шуъбаи тошкандии донишгоҳ Ҷаҳонгир Турсагатов. – Соли гузашта бори аввал дар мамлакатамон аз ИМА ва Кореяи Ҷанубӣ говҳои гаронмаҳсули голштейн оварда шуда, трансплантатсияи эмбрион гардид.

Ба гуфтаи мутахассисони соҳа дар говпарварӣ ба вусъат додани наслгузории сунъӣ, бо асбобу анҷомҳои зарурӣ муҷаҳҳазсозии нуқтаҳои наслгузории сунъӣ ва зооветеринарӣ, беҳтар кардани насли молҳо эътибори махсус дода мешавад. Фаъолияти дорухонаҳои ветеринарӣ ҳамеша дар мадди назари ташкилотҳои дахлдор аст. Бо роҳбарони дорухонаҳое, ки аз рӯйхати давлат гузаштаанд, оиди ба фурӯш набаровардани доруҳои биологии бесертификат суҳбат ва чораҳо андешида мешавад. Ба мақсади ҳифзи чорво аз касалиҳои сироятӣ ва ба тарзи намунавӣ ташкил намудани хидматҳои зооветеринарӣ дар асоси нақша корҳои сӯзандору бо воситаи доруҳои биокимиёвӣ ба амал меоянд. Дар байни аҳолӣ низ корҳои тарғиботӣ оиди касалиҳои ҳорӣ ва оқибатҳои нохуши он бурда мешавад.

Дар бозорҳои кишварамон маҳсулоти шир, тухм, асал, моҳӣ ва ҷанд намуди гӯшт баъди тафтиш аз тарафи ходимони лаборатория ба фурӯш баровардa мешаванд.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

ОБУНА БАРОИ СОЛИ 2025 ИДОМА ДОРАД!

Индекси обуна 170

Хонандагон, ҳаводорон ва алоқамандону муштариёни рӯзномаи номвари «Овози тоҷик»!

Шумо тариқи обуна шудан ба рӯзномаи садсолаи «Овози тоҷик» метавонед тамоми сол:
– беҳтарин хабару гузоришҳоро аз ҳаёти Ӯзбекистон;
– мақолаҳои ҷолибу хонданӣ;
– матолиби таҳлилӣ ва танқидӣ;
– маълумоти муҳим ва муфиди фарҳангиву адабиро мутолиа намоед.

Дӯстони азиз! Ба рӯзномаи дӯстдоштаатон «Овози тоҷик» обуна шуда, дар рушду пешрафт ва боз ҳам хонданитар гардидани он саҳм гузоред!

Телефон барои мурочиат: +998 55 5200336.

НУТҚИ ПРЕЗИДЕНТ ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҶАМЪОМАДИ НАХУСТИНИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

⇦ (Аввалаш дар саҳ.1).

Муҳтарам иштирокдорони ҷамъомад!

Акнун мехоҳам ба имконият ва самтҳое, ки Палатаи болоӣ дар фаъолияти худ бояд онҳоро пурра истифода барад, таваққуф намоям.

Дар Сарқонун Сенат чун палатаи ваколатдори ҳудудӣ мушаххас карда шудааст. Баробари ин бояд эътироф кард, ки дар даъвати пешина Сенат бобати мулоқот ва ҳамкорӣ бо шӯроҳои маҳаллӣ танҳо қадамҳои нахустин гузошта буд. Чунончи, ҳарчанд шӯроҳои маҳаллӣ ваколатдори қабул кардани қарор бинобар беш аз 15 масъала бошанд ҳам, то ҳол тартиби ягонаи тайёру мувофиқ кардан ва тасдиқ намудан коркард нашудааст.

Боз як масъала. Мо ба шӯроҳои маҳаллӣ ваколатҳои зиёд дода, мақоми онҳоро хеле афзудем. Вале таассуфовар аст, ки низоми таҷрибаивазкунӣ ва такмили малакаи депутатҳои шӯроҳо ба роҳ монда нашуд. Фикр мекунам, масъалаи мазкур низ аз эътибори ҳайати нави Сенат берун наmemонад.

Ғайр аз ин, агар ташаббусҳои беҳтарини шӯроҳои маҳаллӣ ба ҳудудҳои дигар низ оммавӣ карда, эътироф намудани шӯроҳои намунавӣ ба роҳ монда шаванд, бешубҳа, самараи корамон беш аз пеш меафзояд.

Мувофиқи Қонуни Асосии мо Сенат ҳисоботи беш аз 10 нафар мансабдори баландпояро мешунавад. Тӯли панҷ соли гузашта зиёда аз 100 чунин ҳисобот шунида шудааст. Вале аксар вақт ин ҳисобот бидуни таҳлили амиқ гузаштааст. Чунончи, бигирем масъалаи ҷиноятқориро. Дар давоми 9 моҳи соли 2024 дар тамоми мамлакат зиёда аз 45 ҳазор нафар ба ҷиноят даст задаанд. Дар вилоятҳои Андиҷон, Ҷиззах, Қашқадарё ва Самарқанд дуздӣ, дар вилоятҳои Навоӣ, Сирдарё ва Хоразм фиребгарӣ, дар вилоятҳои Сурхондарё ва Тошканд, ҳамчунин шаҳри Тошканд нашъамандӣ нисбат ба ҳудудҳои дигар бештар содир шудаанд.

Агар Сенат дар доираи назорати парлумонӣ ин аҳволро ҳамаҷониба таҳлил карда, ҳудудҳои «сурх»-ро таҳти назорат қарор диҳад, дар ин бобат қатъият зоҳир кунад, фикр мекунам, вазъиятро метавон беҳтар кард.

Ҳамватанони азиз!

Солҳои охир бинобар ислоҳоти васеъмиқёси демократӣ мавқеи Ӯзбекистон дар рейтингҳои байналхалқӣ беҳтар мегардад. Рейтинги кишвар бинобар устувории қонун 8 зина, ҳукумати электронӣ 18, мувофиқи иқтисодиёти озод 49, бинобар логистика ва инноватсия 10 зина боло гардид.

Баробари эътироф намудани ин натиҷаҳои баланд, мо айни замон хуб дарк менамоем, ки дар самтҳои мазкур ҳанӯз корҳои зиёд бояд иҷро шаванд.

Алҳол Ӯзбекистон аз минбарҳои бонуфузи байналхалқӣ ташаббусҳои бузургро пеш мегузорад. Ҳамаи мо умедворем, ки барои ба халқамон, коршиносони хориҷӣ ва маҳаллӣ расонда додани мазмуну моҳияти онҳо сенаторон фаъолтар мешаванд. Аммо таассуфовар аст, ки нақши онҳо дар ин бобат ҳанӯз ба дараҷаи эҳсосшаванда нест. Кумитаи масъули корҳои байналхалқӣ дар Сенат низ бинобар ҳаллу фасли ин масъала суст амал мекунад. Умедвор ҳастам, ки таркиби нави Палатаи болоии мо дар самти мазкур фаъолияти худро ҷоннoктар менамояд.

Муҳтарам иштирокдорони ҷамъомад!

Замони пуртаҳлукаи имрӯза аз ҳамаи мо тақозо мекунад, ки ба кори худ аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо дода, онро комилан аз нав ташкил кунем. Ба ин муносибат, мехоҳам мухтасар ба вазифаҳои таъхирнопазире, ки дар назди Сенат қарор доранд, таваққуф намоям.

Якум, дар таҳрири нави Конститутсияи мо ҳолатҳои такрории ваколатҳои Сенат ва Палатаи қонунгузорӣ бартараф гардида, вазифаҳое, ки ба ҳар кадоми онҳо дахл доранд, мушаххас нишон дода шуданд.

Акнун Сенатро зарур аст, ки дар муҳокимаи қонунҳо механизмҳои навро ҷорӣ намояд. Бахусус, ба раванди эҷодкории қонун васеъ ҷалб кардани Шӯроҳои маҳаллӣ, роҳандозии амалиёти гирифтани фикри онҳо аз рӯйи ҳар як қонун, аҳамияти муҳим касб мекунад.

Таваҷҷуҳ кунед, ки имсол депутатҳои шӯроҳо дар рафти вохӯриҳо бо шаҳрвандон беш аз 22 ҳазор мушкилотро муайян карданд. Яъне, вазъи воқеии минтақаҳоро онҳо беҳтар медонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми баррасии қонунҳо дар кумитаҳои парлумон, на бо намояндагони вазорат ва идораҳо, балки бо депутатҳои шӯроҳои маҳаллӣ бештар кор барем, одилона мешавад.

Зеро, қонунҳое, ки хусусияту имконоти хоси минтақаҳоро ба назар намегиранд, дар зинаи поёнӣ самаранок кор намекунанд. Муҳимтар аз ҳама, мо бояд ба муштаракии манфиатҳои минтақавӣ ва умумидавлатӣ дар қонунҳо ноил шавем. Имконот ва захираҳои ҳокимият ё ки шӯрои маҳаллӣ дар таъмини иҷрои қонунҳо бояд доимо дар маркази диққати Сенат қарор бигирад.

Дувум, кумаки ҳамаҷониба ба фаъолияти шӯроҳои маҳаллӣ бояд вазифаи устувори Сенат бошад.

Ин махсусан дар шароити ҳозира, ки дар идоракунии маҳаллӣ модели сифатан нав ҷорӣ мешавад, аҳамият пайдо кардааст. Тавре хабар доред, акнун ба Шӯроҳои намояндагони халқи вилоятҳо ва шаҳри Тошканд на ҳокимон, балки раисони шӯроҳо, ки аз байни депутатҳо интихоб шудаанд, сарварӣ мекунанд. Агар гӯем, ки бо ин ислоҳоти сиёсӣ орзуи 30-солаи халқамонро амалӣ кардем, ҳақиқат хоҳад шуд.

Аз фурсат истифода бурда, раисони Шӯроҳои минтақавиро, ки дар ҷамъомади имрӯза иштирок доранд, табрик гуфта, дар фаъолияти минбаъдаи онҳо комёбиҳо таманно мекунам.

Имсол 33 ваколати ҳокимон ба шӯроҳо гузаштанд ва боз гузаронидани 17 ваколати дигар дар назар аст. Масалан, ба шӯроҳои маҳаллӣ гузаронидани ҷамъ 7 намуди ваколатҳо аз рӯйи тасдиқи миқдори ҷамъоварии маҳаллӣ, аз ҷумла иловапулӣ ба тарифи оби ошомиданӣ, пардохти иҷора дар объектҳои давлатӣ ва бозорҳо пешбинӣ шудааст.

Инчунин, тавассути механизмҳои нав, аз қабили пурсиши Шӯро ва санҷиши Шӯро назорат аз болои фаъолияти мақомоти иҷроияи минтақавӣ пурзӯр карда мешавад.

Роҳандозии амалиёт аз рӯйи дар ҳар нимсола як маротиба гузаронидани нишастҳои матбуотӣ аз ҷониби Шӯроҳои маҳаллӣ оид ба корҳои иҷрошуда, фикр мекунам, дар фаъолияти онҳо ошкорбаёнӣ ва ҳисобдориро пурзӯр мекунад.

Ҳамаи ин чорабиниҳо аз он далолат медиҳанд, ки дар мамлакатамон равандҳои ба зинаи поёнтар фаровардани идоракунии давлатӣ ва ба аҳолӣ наздик кардани он, хусусияти бебозгашт гирифтааст.

Дар ин ҷо мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба як ҷиҳати хеле муҳим ҷалб намоям. То соли 1992 дар мамлакати мо ҳолатҳое буданд, ки як муддат ба ҳокимияти маҳаллӣ ду роҳбар сарварӣ мекарданд. Инро одамони калонсол, ки дар ҷамъомади имрӯза иштирок доранд, хуб дар хотир доранд. Дар он замон баъзе аз роҳбарон ба ҷойи ҳалли мушкилоти таъхирнопазир ва ривоҷдиҳии минтақа, барои обрӯи худ талош мекарданд.

Мо бояд аз чунин хатоҳои дар гузаштаи наздик содиршуда хулосаи дуруст барорем ва ба такрор кардани онҳо роҳ надиҳем. Умуман, ҳам ҳоким, ҳам раиси Шӯро бояд пеш аз ҳама манфиатҳои аҳолии сокини ҳудуди худро дар мадди аввал гузошта, як ҷамоа гардида, кор пеш барад.

Ҳоло мехоҳам таъкид намоям, ки ҳокимон барои иҷрои бечунучарои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи ноҳия, шаҳру вилоятҳо, инчунин рушди иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва экологии минтақаҳо, ки дар Конститутсия муқаррар гардидааст, масъул ва ҷавобгар мебошанд.

Бесабаб нест, ки ин фикрҳоро дар мулоқот бо шумо, сенаторони муҳтарам баён мекунам. Зеро шумо, аз як тараф, депутати Шӯрои маҳаллӣ ҳастед, аз тарафи дувум, ҳамчун аъзои Сенат бар ӯҳдаи шумо вазифаи кумакрасонӣ ба намояндагиҳои маҳаллӣ гузошта шудааст.

Сенат бояд бо ҳокимият ва шӯроҳои маҳаллӣ ҳамҷиҳат фаъолият намояд ва барои ташкили дурусти муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба онҳо аз наздик кумак расонад.

Аз соли 2026 сар карда, ба Шӯроҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ ҳокимон раисӣ намекунанд. Ин ҳам як раванди муҳими демократӣ аст. Палатаи болоии мо бояд ба ин ислоҳот тайёрии ҷиддӣ бубинад.

Сеюм, дар асоси талаботи Конститутсияи навшуда, чанде пеш шӯроҳои маҳаллӣ бори аввал ҳокимонро ба вазифа тасдиқ, барномаҳои онҳоро оид ба ривоҷдиҳии минтақаҳо баррасӣ ва маъқул карданд.

Халқамон аз депутатҳо онро интизор ҳастанд, ки дар татбиқи назорати депутатӣ ва шӯроӣ бобати иҷрои вазифаҳои ин барномаҳо фаъол ва ташаббускорӣ нишон диҳанд.

Масалан, дар панҷ соли охир ба соҳаи сохтмони роҳ 48 триллион сӯм маблағ ҷудо гардида бошад ҳам, 32 фоиз ё худ 66 ҳазор километр роҳҳо ҳанӯз ба таъмир ниёз доранд. Ба шабакаҳои оби ошомиданӣ ва канализатсия 23 триллион сӯм равона шудааст, лекин дар 747 маҳалла тақрибан 8 миллион нафар аҳолӣ то ҳол ба шабакаи марказонидашуда напайвастаанд. 8 фоизи дегҳои гармидиҳӣ ва 14 фоизи шабакаҳои гармии марказонидашуда корношоям мебошанд.

Дар 826-то шаҳру шаҳракҳо ё худ 70 дарсад, 5 ҳазору 859 ё 78 фоизи пунктҳои аҳолинишини деҳот сарнақша вуҷуд надорад. Дар натиҷа, дар ҷойҳо сохтмонҳои бетартиб ва ғайриқонунӣ зиёд мешаванд. Соли гузашта 1600 иншооти сохтмонӣ бидуни аз рӯйхат гузаштан корро сар карда бошанд, дар шаш моҳи соли ҷорӣ ин рақам аз 1900 адад зиёд шудааст, ки дадели ин гуфтаҳост.

Ин аз Шӯроҳои маҳаллӣ тақозо мекунад, ки бо сохторҳои поёнии вазорату идораҳо, бахусус шуъбаҳои шаҳриву ноҳиявии онҳо дар асоси тамоюлҳои нав кор баранд.

Дӯстони азиз!

Маълум аст, ки шӯроҳои маҳаллӣ дар муносибатҳои бучет ваколатҳои хеле калон доранд. Мо аз соли 2025 аз рӯйи дар ихтиёри худи ноҳияву шаҳрҳо гузоштани тамоми андозҳои замин, молу мулк, муомилот ва ҳадди ақал 50 фоизи андози даромад қарор қабул мекунем. Тавассути ин нақши шӯроҳои маҳаллӣ дар ин соҳа боз ҳам меафзояд.

Дар натиҷа даромади буҷети ноҳия ва шаҳрҳо дар соли 2025 9,4 триллион сӯм ё ки 47 фоиз меафзояд. Масалан, даромади буҷети танҳо ноҳияи Хатирчӣ 69,4 миллиард сӯм ё қариб 2 баробар, ноҳияи Бухоро 29 миллиард сӯм ё худ 1,3 баробар меафзояд.

Ин ислоҳоти мо баробари афзунсозии имконияти масъулони ноҳия ва шаҳрҳо бобати ҳалли мустақилонаи мушкилоти минтақаи худ, талаб мекунад, ки аз имкониятҳои барои шӯроҳои маҳаллӣ фароҳамгардида оқилона истифода намуда, аз рӯйи ҳалли масъалаҳое, ки аҳолиро ба ташвиш меандозанд, ташаббусҳои асосноқро ба миён гузоранд.

Сенат бошад, дар ин самтҳо фаъолияти шӯроҳои маҳаллиро аз рӯйи низом таҳлил карда, ба онҳо бояд кумак расонад.

Чорум, дар таҳрири нави Конститутсияи мо ба зиммаи Сенат масъулияти бузурги мувофиқат кардани қарорҳои Шӯроҳои маҳаллӣ ба қонунҳо гузошта шудааст.

Танҳо дар соли гузашта 34 ҳазору 400 қарор қабул кардани ин шӯроҳоро ба ҳисоб гирем, то чӣ андоза муҳим будани ин вазифа бараъло аён мегардад. Дар ин самт Сенат бояд аз рӯйи таъмини ошкоройӣ, шаффофият ва қонуният низоми самарбахшро ба вуҷуд оварад. Дар ин самт аз имкониятҳои Маркази бозомӯзии фаъолияти мақомоти намояндагии минтақавӣ, ки чанде пеш дар назди Палатаи болоӣ ташкил гардид, босамар истифода бурдан зарур аст.

Панҷум, кумитаҳои Сенат дил ва неруи пешбарандаи Палатаи болоӣ мебошанд.

Ҳар як кумита дар давоми панҷ соли охир бобати омӯхтани мушкилот дар ҷойҳо ва ҳалли онҳо ба ҳисоби миёна 37-той чорабинии назоратӣ-таҳлилӣ гузаронидаанд. Албатта, ин нишондиҳанда ва рақамҳо хубанд. Аммо сенаторони мо бояд дар бораи он фикр кунанд, ки оё чораҳои назоратӣ натиҷаи интизорӣ медиҳанд, пас аз онҳо дар ҷойҳо ягон мушкили мушаххас ҳалли худро ёфт ё не.

Аз ин рӯ, фикр мекунам, ки вақти дар сатҳи қонун мустаҳкам кардани пояҳои институти шунавоӣ дар кумитаҳо фаро расидааст. Агар ҳар як кумита аз рӯйи самти худ ба Шӯроҳои маҳаллӣ кумак расонад, табиист, ки фаъолияти онҳо ҳам дар сатҳи назаррас пурзӯр мегардад.

Шашум, мо барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барномаҳои калонро татбиқ карда истодаем.

Чор сол пеш даромади 23 фоиз ё худ 7,5 миллион нафар аҳолии мо ҳатто дар ҳадди камбизоатӣ набуд. Дар давраи гузашта барои 3,5 миллион нафар шаҳрвандон имкониятҳои даромад гирифтанро фароҳам намуда, сатҳи камбизоатиро 11 фоиз кам кардем. Мо ният дорем, ки дар се соли оянда ин шумораро ба 7 фоиз коҳиш диҳем.

Бо мақсади коҳиш додани камбизоатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, соли оянда аз буҷет 500 миллиард сӯм равона мегардад. Яке аз навгониҳои муҳим ин аст, ки аз соли нав низоми ягонаи «Корти иҷтимоӣ» ба роҳ монда мешавад, ки он 65 намуди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва кумакҳо, инчунин тақрибан 50 имтиёзро фаро гирифтааст.

Миқёси дастгирии ҳамватанони мо, ки дар натиҷаи аз даст додани даромад ё саломатӣ ба ҳолати вазнини иҷтимоӣ дучор шудаанд, тадриҷан васеъ карда мешавад. Барои ин Қонуни «Дар бораи суғуртаи иҷтимоӣ» қабул мегардад. Барои мутобиқшавии шахсони дорои маъюбият ба ҷомеа, миқёси хизматрасониҳо ва кумакҳои иҷтимоӣ густариш меёбад.

Хабар доред, ки имрӯз аксари кӯдаконе имконияташон маҳдуд дар ҷудоӣ аз муҳити иҷтимоӣ таҳсил мегиранд. Барои иштирокашон дар мактабҳои таълими умумӣ ба онҳо муҳити бидуни монеа ва шароити зарурӣ фароҳам оварда мешавад, инчунин омӯзгорони махсус ва равоншиносон ҷалб мегарданд.

Боз як масъалаи муҳимро мехоҳам махсус таъкид кунам. Ба ман маълум аст, ки дар ҷомеаи мо ҳолатҳои фишор ва зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон ҷой доранд. Мо бояд нисбат ба чунин амалҳои номатлуб, ки ба фарҳанги миллии мо хос нестанд, мавқеи оштинопазир дошта бошем ва бо онҳо сахт мубориза барем. Ин масъала шахсан зери назорати Президент қарор хоҳад дошт.

Ба ҳамин хотир, чанде пеш бо қонун мустаҳкам карда шуд, ки дар ҳамаи ҳолатҳое, ки ба ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф ва қадру қимати кӯдак таҳдид мекунад ё метавонад азобҳои ҷисмонӣ ва равонӣ расонад, давлат чораҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии лозимаро татбиқ менамояд.

Мақомоти прокуратура бояд чораҳои муассирро барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии қурбониёни зӯроварӣ боз ҳам тақвият диҳад.

Иштироки сенаторҳо дар татбиқи пурраи чунин нақша ва ташаббусҳои мо, бешубҳа, ниҳоят муҳим аст.

Ҳафтум, дар самти мубориза бо коррупсия фаъолияти Шӯрои миллии мубориза бо коррупсия ба роҳ монда шуда, роҳбарии он ба раиси Сенат супурда шуд, ки дурустии ин қарорро худи ҳаёт тасдиқ намуд.

Дар панҷ соли охир, дар нишондиҳандаи «Мавҷуд набудани коррупсия» Ӯзбекистон 23 зина боло рафта, дар соли 2023 дар миёни 140 кишвар ҷойи 66-умро ишғол кард ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ нишондиҳандаҳои назарраси мусбат нишон дод.

Ҳамчунин, «Индекси рӯшод» барои баҳогузорӣ ба фаъолияти шаффофияти идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ҷорӣ карда шуд. Мувофиқи натиҷаҳои баҳогузорӣ, ҳисоботи роҳбарони ташкилотҳои давлатӣ, ки фаъолияташон «ғайриқаноатбахш» дониста шудааст, дар ҷаласаҳои Шӯрои миллӣ шунида мешаванд.

Бо вуҷуди ин, дар ин самт ҳанӯз масъалаҳое мавҷуданд, ки ҳалли худро интизоранд. Гарчанде соли гузашта ҷиноятҳои вобаста ба коррупсия 12 фоиз коҳиш ёфтаанд, 6 ҳазору 500 нафар барои амалҳои коррупсионӣ гунаҳкор дониста шуда, ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Умуман, зарур мешуморам, ки назорати парлумонӣ ва иштироки тамоми ҷомеаро дар мубориза бо коррупсия боз ҳам қавитар гардонем.

Сенат бояд барои баланд бардоштани сатҳи шуур ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва ҳидматчиёни давлатӣ, ташаккули муҳити оштинопазир нисбат ба коррупсия дар ҷомеа ва ба шуури насли ҷавон ворид намудани эҳтиром ба қонун, ростқавлӣ ва меҳнати ҳалол чораҳои мушаххас таҳия намояд.

Ҳаштум, аз ҷониби Сенат низоми интихоб кардани ҳамаи аъзои Шӯрои Суди олӣ ба роҳ монда шудааст, ки он ба таъмини истиқлолияти воқеии ҳокимияти судӣ мусоидат мекунад.

Дар ин маврид мехоҳам як нуктаро таъкид кунам: ваколати конститутсионии Сенат набояд танҳо бо тасдиқи номзадҳо маҳдуд шавад. Зарур аст, ки дар кумитаҳои Палатаи болоӣ шиносоӣ ва баҳогузорӣ ба фаъолияти номзадҳо, инчунин таҳияи хулосаҳо дар бораи онҳо ба роҳ монда шавад.

Илова бар ин, бар он ақидаам, ки вақти он расидааст, мақоми судяҳо ва асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ниҳодҳои ҳамчаворияи судяҳо, инчунин кафолати иштироки ин ҳамҷаворӣ дар ҷудо кардани маблағҳо барои маблағгузории низоми судӣ тавассути қонунҳои алоҳида танзим карда шаванд.

Дӯстони муҳтарам!

Имрӯз мо бояд якҷоя масъалаи ташкилии ба рӯзномаи ҷаласа воридшуда – интихоби Раиси Сенат ва муовинони ӯро баррасӣ кунем.

Мувофиқи моддаи 101-и Конститутсия, пас аз машварат бо аксарият, аз ҷумла сенаторони собиқадор, мехоҳам номзадии сенатори муҳтарам Танзила Камаловна Норбоевароро ба вазифаи Раиси Сенати Олий Маҷлис пешниҳод кунам.

Ҳамаи шумо ин номзадро хуб мешиносед. Танзила Камаловна дар идораи давлатӣ ва ҷамъиятӣ таҷрибаи ғанӣ дорад. Дар даврааи гузашта, дар натиҷаи фаъолияти самараноки ӯ ҳамчун Раиси Сенати Олий Маҷлис, вазъият дар кишвар барои таъмини ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии занон ва кӯдакон ба таври назаррас беҳтар шуд. Бисёр ташаббусҳое, ки барои боло бурдани нақши занон дар ҷомеа, таъмини баробарии гендерӣ ва ҳалли масъалаҳои оила пешниҳод шуданд, имрӯз натиҷаҳои худро дода истодаанд.

Итминон дорам, ки муҳтарам Танзила Камаловна дар ин мансаби баланд дар ҳамкорӣ бо шумо боз ҳам муваффақиятнок фаъолият анҷом хоҳад дод.

Барои вазифаи муовини аввали Раиси Сенат номзадии сенатори муҳтарам Содиқ Солиҳович Сафоев пешниҳод карда мешавад.

Шумо ин роҳбарро ҳамчун дипломати барҷаста ва арбоби ҷамъиятӣ, ки дар дохил ва хориҷи кишвар шинохта шудааст, хуб мешиносед. Азбаски ҳамаатон фаъолияти меҳнатии Содиқ Солиҳовичро хуб медонед, дар бораи он тӯлонӣ сухан намегӯям.

Барои вазифаи муовини Раиси Сенат номзадии сенатори муҳтарам Аманбай Тлеубаевич Оринбаевро пешниҳод менамоям.

Ин шахс фарзанди содиқи халқи мо буда, аз 26 августи соли 2022 ҳамчун раиси Ҷоқарғи Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва аз 13 сентябри ҳамон сол дар як вақт ҳамчун муовини Раиси Сенат самаранок фаъолият пеш мебарад.

Аманбай Оринбаев солҳои зиёд дар сохтори мақомоти корҳои дохилӣ дар вазифаҳои масъул хидмати самаранок анҷом додааст. Дар тӯли фаъолияти меҳнатиаш худро ҳамчун роҳбари масъулияткунинос, содиқ ба Ватан ва касб, ки дар лаҳзаҳои душвор тавони муттаҳид кардани мардумро дорад, нишон додааст.

Аз шумо хоҳиш мекунам, ки номзадии Аманбай Оринбаевро дастгирӣ намоед.

Муҳтарам аъзои Сенат!

Раиси Сенат ва муовинони он, Танзила Норбоева, Содиқ Сафоев ва Аманбай Оринбаевро бо эътимоди баланди имрӯз, аз номи шахсан худам ва аз номи шумо бо қалби пур аз самимият табрик гуфта, дар фаъолияти минбаъдаашон барори кору муваффақият таманно дорам.

Дӯстони азиз!

Шумо, бешак, суханони таъсирбахши ниёи бузургамон соҳибқирон Амир Темурро хондаед: **«Ҳангоме ки ҷомаи салтанатро пӯшидам, аз танам ҳаловат рафт»**. Дар ин суханони гузаштаи бузурги мо як меъёри олӣ дар назар аст, ки ҳар шахсе, ки худро ба хидмати давлат ва халқ мебахшад, бояд аз рӯйи он амал кунад.

Дар ҳақиқат, хидматчии давлат ва халқ – новобаста аз он ки сенатор, депутат, ҳоким ё вазир бошад – пас аз ба зимма гирифтани масъулияти роҳбарӣ дигар ҳаққи маънавии роҳгузорӣ ба беэътиноӣ, лоқайдӣ ё ҳузуру ҳаловатро надорад.

Тасаввур кунед, ки аз миёни 37 миллион нафар аҳолӣ танҳо ба 65 нафар шараф ва бахти бузурги сенатор шудан насиб гардидааст. Боварӣ ва масъулияти чунин эътимоди бузургро дарк кардан ва ба он бо ҳидмати ҳалолу содиқона сазовор шудан қарзи муқаддаси ҳар яки мост.

Чуноне ки донишмандон гуфтаанд, **аз меҳнати бо вичдон анҷом додашуда – наҷот, бо адолат анҷом додашуда бошад, пирӯзиву муваффақият ҳосил мегардад.**

Итминон дорам, ки шумо дар таҳкими пойдевори Ӯзбекистони Нав ва Ренессанси сеюм саҳми муносиб хоҳед гузошт, қонунҳои халқӣ ва одилона қабул намуда, барои ҳамагон намуна хоҳед шуд.

Дар симои шумо, сенаторони муҳтарам, инсонҳои содиқеро мебинам, ки қодиранд ба корҳои бузург даст ёбанд, вазифаҳои стратегие, ки дар назди Ӯзбекистон қарор доранд, амиқан дарк кунанд ва манфиатҳои Ватан ва халқро аз ҳама боло гузоранд.

Бовар дорам, ки шумо бо истифода аз тамоми донишу таҷриба, неру ва имкониятҳои худ дар ҳаёти кишварамон ва фаъолияти Сенат саҳифаи нову дурахшоне боз хоҳед кард.

Дар ин роҳи пуршараф ба ҳар яки шумо саломатӣ, неруи бузург, муваффақият ва зафарҳои беназир таманно мекунам.

ТАНҲО ИРОДАИ МУСТАҲКАМ, ЯГОНАГӢ, ВАҲДАТ ВА МЕҲНАТИ ФИДОКОРОНА СУЛҲУ ПЕШРАФТРО ДАР МАМЛАКАТИ МО ТАЪМИН КАРДА МЕТАВОНАД

⇦ (Аввалаш дар саҳ.1).

Президент таъкид намуд, ки вазъи кунунӣ аз ҳама тақозо менамояд, ки ба кори худ баҳои танқидӣ диҳанд ва ба тарзи куллан нав кор кунанд.

Вобаста ба ин вазифаҳои рӯзмарае, ки дар назди Сенат истодаанд, мушаххас карда шуданд.

Якум. Бояд механизмҳои нави баррасии қонунҳо ҷорӣ карда шаванд. Муҳим аст, ки шӯроҳои маҳаллӣ ба ҷараёни эҷоди қонун васеъ ҷалб карда, фикру ақидаи онҳо бинобар ҳар кадом қонун ба инобат гирифта шавад. Бояд ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ дар ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ эътибори махсус дода шавад.

Дуюм. Дастгирии ҳамаҷонибаи фаъолияти шӯроҳои маҳаллӣ бояд ба вазифаи афзалиятноки Сенат табдил ёбад.

Минбаъд роҳбарони шӯроҳои вилоятӣ ва шаҳри Тошканд, на ҳокимон, балки раисоне ба шумор мераванд, ки аз ҷумлаи депутатҳо интихоб шудаанд. Назорати фаъолияти мақомоти ҳудудии иҷроия аз ҳисоби механизмҳои нав, аз ҷумла пурсиш ва тафтиши шӯро пурзӯр карда хоҳад шуд.

Аз соли 2026 ҳокимон дар шӯроҳои ноҳия ва шаҳрҳо раисӣ намекунанд. Ин тадбир аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷараёнҳо доир ба расондани идораи давлатӣ то ҳалқаи поёнӣ ва наздик намудани он ба аҳолӣ хусусияти бемайлон касб намуд.

Сеюм. Шӯроҳои маҳаллӣ бояд бо сохторҳои поёнии вазорат ва идораҳо, бахусус шуъбаҳои ноҳиявӣ ва шаҳрии маҳалҳо бо истифода аз муносибатҳои нав ҳамкорӣ кунанд.

Дар масъалаҳои буҷети ноҳия ва шаҳрҳо шӯроҳои маҳаллӣ инчунин ваколати зиёдро соҳибанд, ки аз он барои ҳалли мушкилоти нигаронкунандаи аҳолӣ оқилона истифода кард. Сенат бояд дар ин самт бо шӯроҳои маҳаллӣ ҳамдастӣ намояд.

Чаҳорум. Сарқонуни таҷдидёфта ба дӯши Сенат бинобар таъмин сохтани ба қонунгузорӣ мувофиқат кардани қарорҳои шӯроҳои маҳаллӣ масъулият вомегузорад. Дар ин самт бояд низоми самарабахше, ки шаффофият ва қонуниятро кафолат медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Панҷум. Кумитаҳои Сенат неруи муҳаррики Палатаи болоӣ ба шумор мераванд. Замони мустаҳкам кардани асосҳои идораи баррасии кумитавӣ дар сатҳи қонун фароҳам омад.

Шашум. Иштироки сенаторон дар татбиқсозии пурраи барномаҳо ва нақшаҳо оид ба коҳиш додани нодорӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аҳамияти махсус дорад.

Ҳафтум. Пурзӯр намудани назорати парлумонӣ дар мубориза ба мукобили тамаъгарӣ ва ҷалби тамоми ҷомеа ба ин ҷараён бағоят муҳим мебошад. Сенат бояд бинобар баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва мадании аҳолӣ, дар ҷомеа ташаккул додани оштинопазирӣ ба тамаъгарӣ, ҷалб сохтани ҷавонон ба эҳтиром нисбати қонун, поквичдонӣ ва меҳнатдӯстӣ чораҳои мушаххас андешад.

Ҳаштум. Ҷорӣ гардидани низоми аз ҷониби Сенат интихоб кардани тамоми аъзои Шӯрои Суди олӣ ба таъмин сохтани мустақилии ҳақиқии ҳокимияти судӣ нигаронида шудааст. Сенат бояд номзадро нафақат тасдиқ кунад, балки боз бо фаъолияти вай шинос гардад ва хулосаҳои дахлдорро пешниҳод намояд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои ташкилӣ баррасӣ шуданд. Президент Шавкат Мирзиёев мувофиқи моддаи 101-уми Сарқонун номзадро ба вазифаи Раиси Сенати Олий Маҷлис пешниҳод кард.

Аз тариқи овоздиҳии пӯшида Танзила Норбоева Раиси Сенат интихоб гардид. Ҳамчунин Содиқ Сафоев муовини аввали Раиси Сенат ва Аманбай Оринбаев муовини Раиси Сенат интихоб шуданд.

Ҳафт кумита ва як комиссияи Сенат созмон дода шуд. Сенаторон оид ба масъалаҳои дигари баррасишуда низ қарорҳои дахлдор қабул карданд.

ЎзА.

ОЛИМИ ҶАВОН — МАЪРУФҶОН

Фазои пуртаровату фарҳангзои Косони бостонӣ ба олам уламои зиёди номдорро ато намудааст, ки ин аз таърихи бой ва маънавияту фарҳанги дорои решаҳои амиқи маънавии шаҳрамонро бори дигар ба аҳли олам собит месозад.

Солҳои истиқлол гурӯҳи калони ҷавонони болаёқти диёрамон дар соҳаҳои гуногуни илм қуллаҳои баландро фатҳ менамоянд, ки ин нишондиҳандаи салоҳияту саликаи баланди илмии ноҳияямон аст.

12 октябри соли 2024 дар ёди оилаи раиси ҷомеаи шарҳвандони Узунқишлоқи ноҳияи Косонсой Одилҷон Амонов санаи фаромӯшнопазир хоҳад гашт. Зеро, ҳамон рӯз дар шӯрои илмии оиди додани дараҷаҳои илмии назди Донишгоҳи давлатии Намангон фарзанди Одилҷонота мудири шуъбаи ташкили фаъолияти илмию тадқиқотии талабагони соҳибиқтидори донишгоҳ Маъруфҷон Ҳабибуллоев кори илмӣ-тадқиқотии худро дар мавзӯи «Таҳлили иҷтимоиву фалсафии муборизаи бар зидди коррупсия дар Ӯзбекистони Нав» бомуваффақият ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии доктори фалсафа оиди илмҳои фалсафа гардид.

– Мо бисёр хурсанд шудем, ки фарзанди маҳаллаамон дар соҳаи илм чунин дараҷаро ба даст овард, – мегӯяд омӯзгори фахрӣ Абдусаттор Маматқулов. – Оилаи Амоновҳо яке аз оилаҳои пешқадаму маърифатдӯст ба шумор меравад. Бобои Маъруфҷон Ҳабибуллоота деҳқони асил ва инсони меҳнаткаш буд.

Маъруфҷон мактаби миёнаро дар зодгоҳаш бо баҳои аъло хатм намуда, донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Намангон гардид. Бинобар иқтидору ташаббускорӣ, баъди хатми донишгоҳ устодон ӯро барои идомаи таҳсил дар магистратура даъват карданд. Баъди хатми магистратура дар кафедраи «Ғояи миллӣ, асосҳои маънавият ва таълими ҳуқуқ»-и донишгоҳ баробари фаъолияти педагогӣ, бо кори илмию тадқиқотӣ машғул гардид. Бинобар ғайрату шуҷоат ва ҷустуҷӯйҳои фаъол кори илмиашро бомуваффақият дифоъ намуда, сазовори дараҷаи илмӣ гардид. Тавре, ки шоир гуфтааст:

Ба шогирдӣ ҳар он
к-ӯ шод гардад,
Расад рӯзе, ки худ устод гардад.

Абдулвоҳид НУРИДДИНОВ.
Вилояти НАМАНГОН.



Дар филиали Фарғонаи Донишгоҳи давлатии технологияҳои иттилоотии Тошканд ба номи Муҳаммад ал-Хоразмӣ дар асоси шарикии давлативу хусусӣ бинои нави истиқоматии донишҷӯён ба истифода супурда шуд.

Бинои мазкур дар асоси қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 10 сентябри соли 2021 «Дар бораи чорабиниҳои дар муассисаҳои таълими олии ҷумҳурӣ баланд бардоштани сатҳи фарогирии донишҷӯён бо манзили зист» бунёд гардида, барои 400 нафар пешбинӣ шудааст ва дар ин ҷо барои донишҷӯён шароитҳо фароҳам оварда шудааст. Дар хобгоҳи замонавии донишҷӯён 15-то ҷойи нави корӣ низ офарида шудааст.

Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).

Бузургдошт

«ЗАБОНУ ТАБЪИ МУИЗЗИЮ РӮДАКИСТ МАРО...»

Ба номи Худованди ҷону хирад...
К-аз Ӯ бартар андеша барнагзарад.

Ба дӯстдорони илму фарҳанг маълум аст, ки Тирмизи бостонӣ дар гузашта бо номи Мадинат-ул-ричҷол, яъне «шаҳри мардон» маълуму машҳур буд.

Дар Тирмиз чандин алломаҳои бузург, чун Абуисои Тирмизӣ, Ҳаким ат-Тирмизӣ, Абубакр Варроқи Тирмизӣ, шоиру адибон Мунҷики Тирмизӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Тоҳири Чағонӣ, Абулмузаффари Чағонӣ, Бурҳониддин Муҳаққиқи Тирмизӣ, Хоҷа Самандари Тирмизӣ ва дигарон, ки бо нисбаҳои тирмизиву чағонӣ маълуму машҳур ҳастанд, бо мероси бузурги худ шуҳрати ҷаҳонӣ доранд.

Хушбахтона, ба мо мероси гаронбаҳои онҳо то ба андозае расидааст ва мо насли имрӯза бо ниёгони худ мефахрем. Хосатан, агар касе дар хориҷ пурсад, ки «бародар шумо аз куҷоед?». Ёдам меояд чунин ҳолат ба худам низ рӯй додааст. Давраи донишафзоии забони форсӣ дар Эрон устоди адабиёт пурсид: «Оқо, шумо аз куҷоед?» Ҷавоб додам, ки аз Тирмиз. Бо мамнуният гуфт: «Хеле хуб оқо, он ҷо Тармизиҳои бузург ба дунё омадаанд» ва номи чандашонро ба забон гирифт, ки барои ман мояи ифтихор буд.

Дар байни мусалмонони дунё, хусусан кишварҳои беруни, беҳуда намегӯянд, ки агар ту Маккаи Мукаррама ва Мадинаи Мунаввараро зиёрат кардан хоҳӣ, пеш аз он Тирмизи бостониро, ки он ҷо Абуисои Тирмизӣ ва Ҳакими Тирмизӣ барин муҳаддису мутасаввиф ва дигар алломаҳои бузург мадфунанд, зиёрат бояд бикунӣ.

Ин суханҳо беҳуда гуфта нашудаанд. Зеро ниёгони мо барои рушди илмҳои динӣ ва дунёвӣ хеле ҳиссагузорӣ кардаанд ва боиси эътирофи ҷаҳониён гардидаанд.

Агар ба таърих назар афканем, шоҳиди он мешавем, ки ҳар яки онҳо бо асарҳои бебаҳои худ дар дунёи илму маърифат ҷойи босазое доранд.

Дар асари «Тирмизиёни бузург»-и Мирзо Кенҷабек дар бораи 90 нафар азизу авлиё, уламову фузало ва удабову шуаро, ки дар ҳудуди Тирмизу Чағониён умр ба сар бурдаанд, маълумот дода шудааст.

Хушбахтона, имрӯз ҳам давомдиҳандагони ин адабиёту фарҳангро мебинем. Ба китоби «Сарводаи Сурхон» қариб 90 эҷодкор, дар китоби «Донишномаи адабиёти тоҷики Ӯзбекистон» зиёда аз 60 нафар эҷодкори воҳаи Сурхон ворид шудаанд.

Шукри он мекунем, ки бо сиёсати дурандешонаи Раисҷумҳурамон Шавкат Мирзиёев мардуми воҳаи мо бо миллатҳои дигар ҳамчун дӯсту бародар зиндагии орому осуда доранд.

Соли гузашта, ки мо якҷоя бо намояндагони марказҳои миллӣ-мадании тоҷикони минтақаҳои гуногун 945-солагии Адиб Собири Тирмизиро ҷашн намудем, тасмим гирифтем, ки ҳар сол дар фурсати муносиби тирамоҳ зодрӯзи ин шоирро қайд хоҳем кард.

Чун чорабинии кунунии мо ба ёдбуди 946-солагии шоири бомаҳорат Адиб Собири Тирмизӣ бахшида шудааст, дар ин бора муфассалтар истода гузаштан лозим меояд.

Мақоми баланди Адиб Собир ва шуҳрати ӯро дар таърихи адабиёти форс-тоҷик бисёр тазкиранависони гузашта, шарқшиносони маъруф, олимони дигар кишварҳо, адабиётшиносони шӯравӣ ва донишмандону адибони номвари мо, махсусан, устод Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва дигарон таъкид намудаанд.

Дар ҳақиқат, Адиб Собири Тирмизӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки дар таърихи тамаддуну адаби тоҷик ва беруни аз он мавқеи хос ва муносибе дорад ва бо эҷодиёти рангинаш дар пешрафти афкори иҷтимоию эстетикии халқ нақш гузоштааст.

Муҳаққиқи эронӣ Саид Нафисӣ дар мақолаи махсусе, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Адиб Собири Тирмизӣ бахшидааст, дараҷа ва мақоми ӯро дар таърихи адабиёти форс-тоҷик дақиқ муайян кардааст: «Аз байни садҳо шоир, ки дар мамолики порсизабон пайдо шудаанд, ҳама дар саҳми худ дархури шуҳратанд.

Адиб Собири Тирмизӣ ҳарчанд дар дунёи тамаддун ба дараҷаи шуҳрати Фирдавсиву Хайём ва Саъдиву Ҳофиз нарасидааст, вале дар таворихи тамаддуни қадим ва маҳофили аҳли адаб ва дар авроқи кутуби адабӣ мақоми пешвой дорад ва ҳатто донишмандони хориҷа ҳам, ки ба усули адабиёти форс ошно ҳастанд, ӯро ба хубӣ мешиносанд».

Зодрӯзи Адиб Собирро муҳаққиқон соли 1078 дар шаҳри Тирмиз сабт кардаанд. Давраи наврасӣ ва камолоти ӯ дар Тирмиз гузаштааст. Баъдан ҳаёти вай берун аз ватанаш ҷараён меёбад. Ӯ дар Нишопур як муддат зиндагӣ кардааст. Дар аввалҳои хидмат ғарибиро ҳис кунад ҳам, қадре хушҳолу осуда будааст. Аммо баъди чанде ӯ ба сабаби туҳмате аз хидмат дур шудааст. Дар Рован ном мавзеъ бадарға ҳам гардидааст.

Ҳаёти Адиб Собир дертар дар дарбори Султон Санҷари Салҷуқӣ ҷараён меёбад, ки пойтахти ӯ шаҳри бошукӯҳи он давра – Марв буд. Дар муддати кӯтоҳ обрӯйи ӯ байни шоирони дарбор ва махсусан дар суҳбати султон меафзояд ва бар замми доштани мартабаи шоири дарбор, чун шахси ботадбир ва сиёсатмадор шинохта мешавад. Адиб Собир аз ӯҳдаи вазифаи худ ҳамчун сафири расмӣ хеле хуб мебарояд ва дар ин роҳ лаёқат нишон медиҳад. Барои амалӣ нагардидани фитнаҳои Отсиз монеъ мешавад ва байни Хоразму Марв як навъ муносибати муътадил ба вуҷуд меорад. Ин ҳолат панҷ сол давом мекунад.

Адиб Собир рӯзҳои башумори умри худро дар парешонӣ ва азоби сахти руҳӣ паси сар кардааст. Зоҳиран илочи аз Хоразм баромада рафтанро ҳам наёфтааст ва дере нагузашта одамони Отсиз ӯро дастгир намуда, хонаашро зеру забар мекунанд. Шоири озодфикри ширинсухан, ходими давлатӣ бо азобу ранҷи беохир ва дасту пойи баста дар яке аз шабҳои моҳи октябри соли 1147 дар Хоразм зӯран ба дарёи Ому ғарқ кунонида мешавад.

Мероси адабии Адиб Собир аз девони шеърҳо иборат аст. Мундариҷаи девони ӯро қасида, ғазал, таркиббанд, қитъа ва рубоӣ ташкил додаанд.

Қаҳрамони лирикии шоир дӯстдори неъматҳои гуворои зиндагист:

Туӣ, ки меҳри ту дар Меҳргон баҳори ман аст,
Ки чеҳраи ту гулистону лолазори ман аст.
Баҳору сарву гулу савсан, эй баҳори бутон,
Чу дар канори манӣ, ҷумла дар канори ман аст.
Агар вилояти Хоразмро зи заҳмати об,
Зиён расид зи Ҷайҳун, ки дар канори ман аст,
Сабаб манам, зи бас он ки оби Ҷайҳунро
Ҳама мадад зи ғазалҳои обдори ман аст.

Адиб Собир чун шоири покизаназму хушсухан ҳамеша тарафдори сухани нағзу пурмағз ва обдор будааст. Вай мазмуни равшану сода, баланду равон ва илова бар инҳо, ширинӣ ва тарию самимияти суханро дар обдории он дидааст ва азбаски худаш чунин суханҳо гуфта, ба обдории ғазалҳояш махсус ишора ҳам кардааст, дигаронро низ ба он даъват намуда ва обрӯю эътибори ҳақиқиро ҳам дар сухан маҳз дар нигоҳ доштани ин навъ фазилатҳо донистааст:

Эй он, ки обрӯй ҳамеҷӯй аз сухан,
Оҳанги гуфтани сухани обдор кун.

Ҳар як шоир ба таври худ дар бораи суҳан ва қудрати он оқилонаву одилона ибрози фикр намудааст.

Тазкиранависон низ пайваста ба хусусиятҳои мазкури ашъори Адиб Собир ишора кардаанд. Давлатшоҳ навиштааст: «Дар шоирӣ алҳақ Собир хушгӯ аст ва суханаш равон аст ва ба табоеъ наздиктар аз ашъори акрони (наздик) ӯст». Абдураҳмони Ҷомӣ низ қайд намудааст, ки «ашъори вайро латофате ва малоҳате тамом ҳосил аст».

Саид Нафисӣ менависад: «Адиб Собири Тирмизӣ яке аз бузургони шуарост, пас аз Рӯдакию Дақиқӣ ва Фаррухӣ ҳеч кас аз шуарои Туркистон муқаддам бар Собир нест».

Адиб Собир ба ҷиҳати тозагӯйӣ, равонфикрӣ, тачриба ва баёноти равшан яке аз беҳтарин давомдиҳандагони анъанаҳои сабки хуросонӣ ва махсусан анъанаи устод Рӯдакӣ будааст. Дар ҷое худро ҳамтабъ ва ҳамзабони Рӯдакӣ ҳисоб карда, бо ифтихор фармудааст:

Забону табъи Муиззию Рӯдакист маро,
Санои давлати Салҷуқу оли Сомонро.

Мо аз таърихи адабиёт медонем, ки ба шеъри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ хеле шоирон назира навиштаанд. Адиб Собир аз дигар муосиронаш беҳтару хубтар пайравӣ кардааст. Ҳурмати ӯ инчунин ба гузаштагони нозукадои сабки хуросонӣ: Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Хусравӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Шаҳиди Балхӣ, Мунҷики Тирмизӣ ва дигарон хеле баланд будааст ва дар шеърҳояш онҳоро бо эҳтиром ном гирифтааст.

Маҷмӯаи ашъори Адиб Собир ба ҳуруфоти имрӯзаи тоҷик ду бор: бори аввал соли 1965 ва бори дувум соли 1983 нашр шудааст. Дар ин нашрҳо устод Аҳмад Абдуллоев саҳми назаррас гузоштаанд.

Аз гуфтаҳои тазкиранависон ва тадқиқоти муфассали Аҳмад Абдуллоев маълум мегардад, ки Адиб Собир соҳиби девони бузурге будааст. Вале осори ӯ то ба мо пурра нарасидааст ва нусхаҳои девонаш ҳам хеле камёбанд. Ба устод Аҳмад Абдуллоев муяссар гардидааст, ки ду нусхаи дастнависи девони ӯро дар ибтидои солҳои 60-ум аз китобхонаҳои Англия ба даст оварад.

Яке аз ин девонҳо дар китобхонаи «Индиа Оффис»-и Британия нигоҳдорӣ мешавад, дигараш дар музейи машҳури давлатии ин кишвар маҳфуз аст. Як нусхаи дастнависи девони Адиб Собир дар фонди дастхатҳои Боку мавҷуд аст. Инчунин, нусхае аз девони шоир дар фонди дастнависҳои Институти шарқшиносии АФ Тоҷикистон (дар коллексияи Стариков) нигоҳ дошта мешавад.

Аз ин чор нусха, қадимитаринаш ҳамон дастнависест, ки моли китобхонаи «Индиа Оффис» буда, ҳафтуми муҳаррами соли 714 ҳиҷрӣ (16-уми майи соли 1314 милодӣ) китобат шудааст. Дар омӯзишу тадқиқи ин дастнависҳо хидмати устоди зиндаёд Аҳмад Абдуллоев хеле бузург аст.

Эшон дар тӯли солҳои зиёд дар натиҷаи муқоисаи чор нусхаи дастнавис ва девони чопӣ матни комили интиқодии девони Адиб Собирро тайёр карданд. Ашъори тозае, ки аз омӯзишу тадқиқи бисёр баёзҳо ба даст омадаанд, низ ба ин девон дохил шудааст. Таркиби ин девон аз 126 қасида ва дигар жанрҳои шеърӣ ҳудуди 7045 байт иборат мебошад.

Матни илмии интиқодии ашъори Адиб Собир аз тарафи устод Аҳмад Абдуллоев соли 1982 дар Душанбе ва баъдтар дар Теҳрон ба чоп расидааст.

Рамазон АБДУЛЛОЕВ,
устоди ДД Тирмиз.

АЗ ФИРЕБГАРОН ЭҲТИЁТ ШАВЕД

Собирҷон (номҳоро тағйир додем) аз соли 2021 дар хати роҳи оҳани Андиҷон таъмиргар буд. Ӯ хушмуомила ва ҳоҷатбарори ҳамкоронаш буд. Рӯзе яке аз ҳамкасбонаш – Икром аз ӯ чӣ тавр тавассути алоқаи мобилиаш аз бонк онлайн гирифтани кредитро мепурсад. «Дӯсти ҳоҷатбарор» ба миқдори 10 миллион сӯм маблағро аз тариқи онлайн расмӣ мегардонад. Икром мувофиқи шартномаи бонк дар давоми ду сол аз картаи пластикиаш маблағи гирифтаашро ҳар моҳ бояд бармегардонд. Бонк ба таври автоматӣ ҳаҷми тақсимшударо аз картаи пластикии Икром мегирифт. Собирҷон ба иловаи мобилии ҳамкораш «парол» ҳам гузаронида дод.

Худи Собирҷон моҳи сентябри соли 2023 ба пул эҳтиёҷ пайдо кард. «Аз куҷо пул ёбам» – гуфта каме ба фикр фурӯ рафт. Ба телефони Икром васл кардани иловаи мобилии бонк ба ёдаш омад. Нақшаи аз бонк пул гирифтанро пухта кард. Рӯзи дигар ҳангоми ба кор омадани Икром ҳила кор фармуд. «Бо дӯстам суҳбат доштам, аз телефонат истифода барам» – гуён телефони Икромро гирифт. Аз ҳамкорон каме канортар рафта, ба иловаи мобилии банк пайвастанӣ шуд. Аммо «парол»-и пештара кор наомад. Хабари «парол нодуруст чинда шуд» омад. Собирҷони ўҳдабаро паролро бекор намуда, ба ҷойи он пароли дигарро гузошт ва ба иловаи бонк дохил шуда, ба номи Икром 14 миллиону 244 ҳазор сӯм кредити иловагӣ расмӣ намуд. Барои азхуд намудани ин пул Собирҷон ба яке аз ҳамсинфонаш занг зада, ба картаи вай гузаронидани пулро илтимос кард. «Гӯё як дӯсти қаринаш аз Русия ба ӯ пул фиристодааст». Аз сабаби пардохти кредитҳояш ба картаи худаш қабул карда натавонистанашро гуфт. Ҳамсинфаш розӣ шуд. Собирҷон амалиётро ба охир расонда, телефони Икромро бармегардонад. Худи ҳамон рӯз Собирҷон аз кор баромада, бо ҳамсинфаш вомехӯрад ва пули ба картаи ӯ фуровардаро тавассути банкомат нақд мекунад.

Рӯзҳо мегузаранд. Баъди афтидани маош бонк ҳаққи ҳармоҳаи Икромро медорад. Аз хабари «смс» маълум мегардад, ки пули пардохти кредит аз пештара зиёд шудааст. Ҳайрон мешавад. Дар ин бора ба бонк мурочиат менамояд. Ходимони бонк маълумоти 14 миллиону 244 ҳазор сӯм илова ба кредити пештара расмӣ шудан ва он пул ба картаи дигар кӯчонда шуданашро доданд.

Икром дар ин бора ба корҳои дохилӣ мурочиат кард. Дар натиҷаи ҳаракатҳои тафтишӣ ҳилаи Собирҷон фош гардид. Оиди фиребгариву ғоратгирии ҳамкораш нисбати ӯ кори ҷиноӣ кушода, мувофиқи банди «г»-и қисми сеюми моддаи 168-уми Кодекси ҷиноии Ӯзбекистон айбдор дониста ва ба тариқи чораи эҳтиётӣ ба ҳабс мегиранд.

Аз шаҳрвандон хоҳиш мекунем, ки ба бегонаҳо рақам ва коди картаашонро нагӯянд, инчунин телефони дастиро, то ки аз иловаи мобилиашон истифода набаранд, надиҳанд.

Шерзод ШОДМОНОВ,
муфаттиш оид ба корҳои муҳими садорати тафтишоти департаменти таъмини бехатарӣ дар нақлиёт ва сайёҳии Вазорати корҳои дохилии Ӯзбекистон.

«ЛУҚМАИ МУФТ...»

(Ҳикоя)

Онҳо дар оила чор нафар буданд: зану шавҳар ва як писару як духтар. Сарвари оила – Рустам ходими идораи барқ буд, ҳамсараш Назокат мураббияи кӯдакистон. Зиндагии миёнаҳол доштанд. Яъне, Худо ризқу насибаашонро мерасонд. Дар шаҳраки Зарафшон мезистанд. Аз он ки хонаашон дар шафати шоҳроҳи автомобилгард буд, шабу рӯз равуои автомобилҳо қатъ намегардид.

Рустам мехост мисли ҳамсояаш Ҷовид зиндагии серу пур дошта бошад: бегоҳиҳо аз кор савори сабукрав ояду намоишкорона баъди як-ду бор сигнал додан, ҳамсараш дарвозаи оҳанинро ба рӯяш кушояд, тобистон бо аҳли оила дар лаби дарёи Шӯхоб истироҳат кунад, ҳавлию ҳараме дошта бошад ҳавасангез...

Боре рӯйи рахти хоб дар ин хусус ба ҳамсараш даҳон кушод:

– Ҳамин Ҷовид буду шуд як дӯкони озуқа дорад, аз куҷо ин миқдор пул меёбад? Мошин харид, ҳавлию ҳарами муҳташам сохт, занаш қариб, ки ҳар рӯз як куртаи нав мепӯшад, фарзандонаш пиёда ба кӯдакистону мактаб намераванд. Мо-чӣ, ҳеч якамон ду намешавад.

– Шукр гӯед, Диловар (Назокат ба Рустам дар пайравии модараш номи писарашро ба забон гирифта муроҷиат мекард), – гуфт ҳамсараш. – Кам хӯрдану кам пӯшидан айб нест. Камкам пасандоз кунем, мо ҳам рӯзе мошиндор мешавем, қатори пур тӯй медиҳем...

Рустам норозиёна гуфт:

– Э, ман тут гӯям, ту бед мегӯйӣ, синнамон аз чил гузашт. Дар бақияи умр оё пул пасандоз карда метавонем?

– Хайр, чӣ нақшаҳо доред, соҳибкор шуданиед? Барои ин ҳам маблағ лозим. Дар ин солу замона ҳама бо ҳисобу китоб зиндагӣ мекунанд, кӣ ба шумо қарз медиҳад?

Рустам дид, ки аз кӯчаи сарбастаи тангдастӣ роҳи баромад нест, рӯ ба девор гардонда чашмонашро пӯшид.

Тақрибан соатҳои дуи шаб буд, ки аз ларзиши дару девори хона ва садои гумбурроси баланд бедор шуда, зану шавҳар шитобзада берун баромаданд. Бо кадом чашм бубинанд, ки девори тарафи шоҳроҳ рахна пайдо кардаву дар ҳавлӣ мошини «Жигули»-и капоташ пачақшуда ва оинаи қисми пешаш рехтае қарор дошт. Чунин ба назар мерасид, ки мошин аз шоҳроҳ бероҳа гаштаву деворро рахна карда, ба ҳавлӣ даромадааст. Дар мошин ду нафар буданд. Аз пешонаи рононда хун метаровид, шарикаш дар даст дипломат мадҳуш мехобид. Дари тарафи рононда боз нашуд. Рустам бо кӯмаки Назокат дари тарафи шарики шофирро кушода, ӯро аз мошин берун кашида буд, ки даҳони дипломат кушода шуду се-чор баста доллар ва бастаҳои пули саду дусадҳазорӣ рӯ намуданд. Дипломати пури пул дар дили Рустам чароғи умед афрӯхт. Вай онро аз панҷаҳои марди бегона ба душворӣ раҳо карду дар таҳхона монда ба ҳамсараш рӯ оварда:

– Ба ман нигар, ҳоло ёрии таъҷилиро даъват мекунем, дар ёд дор, мо ба ҷуз ду нафари мадҳуш ҳеч чизро надидаем. Дар хусуси дипломат ба касе даҳон намекушоӣ. Ин барои ману ту атои Худо. Агар сир ошкор шавад, дипломатро бармегардонем, вагарна...

Ин ҳангом ҳамсояҳои деворбармиён – Ҷовиду Нурназар, ки онҳо низ аз тарақотуруқи ғайричашмдошт бедор шуда буданд, ба ҳавлӣ сар халонданд. Ҳарчанд аёнро ҳоҷат ба баён набуд, Ҷовид ҳолпурсӣ кард:

– Салом, ҳамсоя, чӣ гап, тинҷист?

– Намедонам, садои даҳшатангезро шунида аз хона шитобон баромадем, ки ҳамин ҳолат. Беҳтараш илочи ҳодиса кунем, мошини ёрии таъҷилӣ ва нозирони роҳро даъват намоем.

Баъди ним соат нозирон омаданд, мошини ёрии таъҷилӣ низ ҳозир шуд. Ин ҳангом рононда ҷон бохта буд. Шарикаш мадҳуш мехобид. Баъди ба сурат гирифтани ҷойи ҳодиса, мошини ёрии осебдидагонро ба беморхона бурд. Нозирон ҳама ҷоро қадам ба қадам чен карда, аз шоҳидон забонхат гирифтанд. Вақте крани борбардор омад, онҳо «Жигули»-ро ба мошини боркашон бор карда, бо худ бурданд.

Дертар маълум шуд, ки шахси дуюм нафароне, ки аз якбора бой шудани онҳо рашк мебурданд. Боре Ҷовид дар як нишаст ба Рустам луқма партофт:

– Ҳамсоя, кош девори моро ҳам мошин рахна мекарду бой мешудем. Баъди ҳамон ҳодиса ба хонаат барака даромад.

Рустам бо лабханд ҷавоб дод:

– Ризқу насибаи додаи Худо. Насибатон кунад, дороии шумо аз дороии мо чанд баробар зиёд, ҳамсоя.

Дили Назокат низ бо мурури вақт ба моли дунё гарм шуд. Мехост куртаи дилхоҳашро пӯшад, мисли занони дигар гардану гӯшу ангуштонашро тилловариҳо оро диҳанд. Шавҳар эътироз баён намекард, ҳар чӣ мехост, гирифта медод.

Рустам кам-кам ба орзуҳояш мерасид. Дар арафаи иди Наврӯз ӯ аз дарвозааш бо «Нексия»-и нав даромад. Назокат зуд ҳазориспандро дуд кунонда, се бор дар гирди мошин давр зад ва ба хотири он, ки сари «асп» аз санг шавад, сангчаеро гирифта се бор сабук ба «пешонӣ»-аш зад. Зану шавҳар дасторхони зиёфат ороста, ба қавле, мошинро «шустанд», муллои наврасон дастафшону пойкӯбон раксиданд. Сипас, бино ба хоҳиши баранда Рустаму Назокат ва падару модари Рудоба ба ҷавонон ниятҳои неки худро изҳор намуда, дар ҳавои мусиқӣ ба рақс даромаданд. Пулчаспонӣ ва пулпошдиҳии баҳсакии ду ҷониб ба авҷи аълояш расид.

Баъди ба охир расидани тӯй чӯраҳо домоду арӯсро ба хонаи нав бурданд. Субҳи рӯзи дигар Рудоба дар бар либоси арӯсӣ ба падаршӯю хушдоман ва пайвандони онҳо, ки дар гирди дасторхон ҷамъ омада буданд, аз рӯйи одоб чой кашид. Баъди нонушта пирон бори дигар дар ҳаққи ҷавонон дуо карданд...

Рустам баъди як сол «Нексия»-ро фурӯхту «Каптива» харида, калидашро ба Диловар дода гуфт:

– Акнун навбати ту, писарам...

Чархи зиндагӣ пеш меғелид. Ҳама чиз дар ҷояш, вале Рустаму Назокат дар оташи пушаймонӣ месӯхтанд. Сабаби дилнохушӣ ин буд, ки аз заношӯйии Диловару Рудоба панҷ сол гузашта бошад ҳам, Худо фарзанд намедод. Ба замми ин, духтарашон Лутфия фарзанди якумашро, ки писар буд, маъюб таваллуд кард. Пойҳояш аз зону поён беҳаракат буданд. Ҳафтае пеш падари Рудоба аз занаш фаҳмидааст, ки сабаби рӯйи фарзандро надидани духтарашон Диловар аст. Вай ду пояшро ба як мӯза карда, аз Диловар талаб кард, ки акди никоҳро бекор кунанд...

Рӯзи ҷиҳозашро ба мошин бор карда ба хонаашон рафтани Рудоба дунё ба чашми Рустаму Назокат торик шуд. Рудобаи ба риққатомада ҳамин қадар гуфта тавонист, ки вай ин пешомадро намехост. Вале...

Рустам ин ҳамаро аз тақдир медонист, аммо Назокат фикри дигар дошт. Вай суханони бобояшро дар ин маврид бори дигар ба ёд меовард, ки «Луқмаи муфт заҳрогин аст» гуфта буд . Пушаймон мешуд, ки чаро дар вақташ сирро ошкор насохт, Рустамро водор накард, ки дипломатро ба ходимони ҳуқуқу тартибот супорад. Инак, заҳри луқмаи муфтро мечашанд...

Саодат РӮЗИЕВА.

Ба ифтихори 100-солагии «Овози тоҷик»

Нормурод КАРИМЗОДА

ФАХРИ МО

Ба ман пушту паноҳ «Овози тоҷик»,
Ба ҳастиам гувоҳ «Овози тоҷик».
Ҳама дурри дарӣ дар сафҳаҳояш,
Ба даврон хушнигоҳ «Овози тоҷик».

****

Биё, «Овози тоҷик»-ро бихонем,
Ки ноогоҳ аз дунё намонем.
Бубахшад рӯҳи нав ҳар сафҳаи он,
Аз он фахрем, ки соҳибзабонем.

***

Ба дил садҳо умед «Овози тоҷик»,
Чу субҳи нав дамид, «Овози тоҷик».
Баланду пасти дунё тай намуда,
Ба синни сад расид, «Овози тоҷик»

ХУСРАВ

МАҶМӮАИ ПУРБОРИ ФАРҲАНГИ ДАРӢ

Ба муносибати садсолагии рӯзномаи «Овози тоҷик»

То даме «Овози тоҷик» аст машъалдори мо,
Нақшаи сад гуна эҷодаст дар афкори мо.

Чун паёми халқ созад пайгирона интишор,
Мебарад бар дӯш бори миллати бедори мо.

Гар намедонӣ тапишҳои дил, онро гиру хон,
Ҳуҷҷате бошад барои сидқу нангу ори мо.

Ҳифз бояд кард ҳамчун гавҳари чашм, эй рафиқ,
Мешавад бар чашм захми нокасон тӯмори мо.

Чун кабӯтар мепарад бар бекарони орзу,
Мерасонад номаи аз ваҷди дил саршори мо.

Чашмаи «Овози тоҷик» аст то бар дил равон,
Қиссаҳо аз боби фарҳанг аст дар гуфтори мо.

Ғайри шак, маҷмӯаи пурбори фарҳанги дарист,
Ҳар варақ мамлу бувад аз кору аз пайкори мо.

ЭЙ ИШҚ, ИШҚИ БЕБАДАЛ

Ҳар лаҳза мавҷ мезананд ин нонавиштаҳо,
То чашмро ба рӯйи зебоеву зӯди ҳам.
То ин шақоиқи нафас бахшам ба дилбаре,
Гулвожаҳои сабзро майли нумӯъ диҳам.

Бар хонаи Худои худ дасти дуо барам,
То қалбро ба ёди покаш ошно кунад.
Дар кӯлвори зиндагиям дода ишқу меҳр,
Дилро пур аз карашмаҳои дилрабо кунад.

Эй ишқ, ишқи бебадал, бо чанд усули нав
Дар зери панҷаҳои худ мумам намудаӣ.
Ин ман наям, ки месарояд қитъаи сапед,
Балки туӣ, ки аз даҳони ман сурудаӣ.

МЕЪМОРИ ШЕЪР

Ба шоираи рангинхаёл Фарзонаи ХУҶАНДӢ

Дар ҳоли рӯъё бар кафам девони худро дод ӯ,
Садҳо дари андешаро бар рӯйи ман бикшод ӯ.

Дар сатрҳояш дода ҷо афсуни алфози дарӣ,
Ҳар дам фаротар меравад то қуллаи эҷод ӯ.

Номаш гиромӣ доштам, арзандаи тавсифҳост,
Дар роҳи қудсии сухан бошад маро устод ӯ.

Бедори ишқ асту ҷунун, то умқи матлаб метапад,
Меъмори шеър асту зи нав кохе кунад бунёд ӯ.

Бо боли ҷуръат меравад бар арши маънои қавӣ,
Шояд, ки моро ҳам диҳад бар кӯйи ҳарф иршод ӯ.

Чун ҷодаро тай мекунад бо корвони вожаҳо,
Оинаро сайқал диҳад аз мавҷи истеъдод ӯ.

БИРАВАМ БА КӮЙИ АРМОН...

Ба умеди он ки охир бирасам ба хеш рӯзе,
Ба даруни сина пинҳон бувадам ҳамеша сӯзе.

Ҳама рӯшанӣ бихоҳам, зи тулуъи ноб гӯям,
Ту биё, ки дар замирам гули офтоб дӯзӣ.

Ба нигорхонаи дил амали шукуфтане ҳаст,
Биравам ба кӯйи армон, чу ба каф бувад ҳанӯзе.

Бинамо, ба ман киям ман? Ба ҷаҳон пайи чиям ман?
Ки ниёз дорам, инак, ба азизи дилфурӯзе.

Ману иттифоқи ёрон бувад асли комёбӣ,
Ки ҳузури дӯст бошад сабабе ба некрӯзӣ.

Ту, ки нақд менамоӣ ҳама хислате, ки дорам,
Ҳама тандуруст бошӣ, ҳама лаҳзае накӯ зӣ.

ИНСОН – ФАРЗАНДИ ТАБИАТ



Табиатро ба модар ташбеҳ медиҳанд, ки ин беасос нест. Баробари олами бототу ҳайвонот одимизод низ ба маъное оё фарзанди табиат нест? Модар-табиат ҳасту насли одам дар оғӯши он ба дунё меояд. Маҳз табиат аз неъматҳои худ қулли ҷонзод, аз ҷумла инсониятро баҳраманд месозад. Дигар ҷонзодҳоро гар хӯронад, инсониятро дар баробари хӯрондан боз мепӯшонад. Саховатманд аст ва миннату малолро намедонад. Вале модар-табиат баъзан муҳтоҷи парваришу навозиш аст. Вақте ба додаш мерасем ва меҳрубонӣ мекунем, дари ганҷҳои ниҳон ба рӯямон мекушояд. Бойигариҳои рӯйизаминӣ ва зеризиниаш беадоза, вале ин маъное надорад, ки он захираҳо бебаркаш ва бе ҳисобу китоб бошанд. Вақте инсон ба дуруштиву ҳарисӣ дода шуд ва аз захираҳо дурусту оқилона истифода накард, табиат қаҳр мекунад. Вақте ба ғазаб омад, ҳар гуна ҳодисаҳои нохушу фавқулода ба амал омаданашон мумкин.

Мӯйсафедҳои мо мегӯянд, ба ҳамаи фалокатҳо, дар асл, сабабгор инсон аст. Вақте инсон инсонвор муносибат накард, тавре модар аз муносибати нохуби фарзандони худ меранҷад, табиат низ ба шӯр меояд. Тӯфону обхезиҳои шадид чӣ оқибатҳое доранд, ба ҳамаамон маълум.

Ҳануз аз синфҳои поёнӣ дар дабистонҳо дар бораи табиату муҳити зист сухан ба миён меоранд. Омӯзгорон, дар навбати аввал, чӣ будани табиатро мефаҳмонанд. Толибилмон дар бораи он тасаввурот ҳосил мекунанд ва саъй мекунанд ба табиат, ки атрофашонро печондааст, ба чашми дигар нигаранд. Муаллимон мефаҳмонанд, ки табиат ба ду тоифа: ҷондор ва бечон тақсим мешавад. Вале дар асл, идома медиҳад муаллим, санг, кӯҳ, хок барин ҷинсҳо, ки дар ҷое бе-ҳаракат мехобанд, дар ҳамбастагӣ бо табиати зинда мисле нафас мекашанд, тағйир меёбанд, ба ҳар ранг медароянд. Бад-ин маънӣ, ҷирмҳои самоӣ (офтобу моҳу ситораҳо), замину обу ҳаво ва ғайра бечон не, ҷондор метобанд ба назар. Табиат, ки зинда аст, кулли мавҷудотро, ки бойигарии табиист, мурда ва беҳис ҳисобидан шояд хатост. Масалан, агар замин ё хок бечон аст, магар навозиши дасти инсонро ҳис карда метавонад? Вақте замин «фарбеҳ» аст, яъне дар вақташ аз ғизои лозимӣ бархурдор шудааст, ҳосили дилхоҳ медиҳад, мегӯяд кишоварз. Дигар, нависандаи тоҷик Мутеъулло Наҷмиддинов ба яке аз китобҳояш дар мавзӯи кишоварзиро беҳуда «Заминро навозиш кунед» ном нагузоштааст.

Мактабхони имрӯз нағз мефаҳмад, ки дар осмон ҳосил шудани абр, боридани барфу борон, вазидани шамол, дурахшидани барқ, нурпошии офтоб, хониши мурғакони саҳархез ва амсоли онҳо ҳодисаҳои табиат мебошанд. Табиат рамзи сарсабзист, таълим медиҳад муаллими фанни табиатшиносӣ ҳануз дар синфҳои ибтидоӣ. Вале дар бораи табиату муҳити гирду атроф сухан ба миён овардану дар рӯҳи муҳаббат ба модар-табиат тарбия намудани фарзандони мо танҳо вазифаи омӯзгори ин ё он фан нест. Ҳар як муаллим ва падару модар, зиёда аз ин маҳаллаву аҳли ҷомеа бояд ба маъние «омӯзгори табиатшиносӣ» бошад, ба туфайли «дарсҳое», ки хонандаи мактабӣ аз онҳо гирифтааст, чӣ будани табиатро амиқ идрок кунад, ба он меҳр монад, тамоми умр ба модар-табиат фарзандвор муносибат намояд.

Рӯзҳое, ки дар шаҳри Боку ҷамъомади умумии Нишасти сарони ҷаҳон (дар доираи сессияи 29-уми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP29) давом мекард, дигарбора аз ҳамин хусус андешидам. Асосан масъалаҳои вобаста ба табиат ва тағйирёбии иқлим дар вазъи ҷаҳонишавии ҳолатҳои ногувор, ки тамоми дунёро ба ташвиш андохтааст, мавриди муҳокима қарор дода шуданд. Президенттамон муҳтарам Шавкат Мирзиёев низ баромад кард ва таъкид намуд имрӯз тағйирёбии иқлим ба як муаммои ҷаҳонӣ табдил ёфта, мустақиман ба афзоиши шиддати геосиёсӣ таъсир мерасонад. Ин дар Осиёи Марказӣ, минҷумла дар ҷумҳурии мо ҳам, ҳис мешавад, ки боиси нигаронист.

Роҳбари давлати мо айни замон гуфта гузашт барои пешгирии ҳолатҳои номатлуб дар Ӯзбекистон чораҳо андешида мешаванд. Амалӣ гардонидани Стратегияи иқлимии минтақавӣ таҳти ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя баҳри бартараф сохтани таъсири тағйирёбии ҷаҳонии иқлим нигаронида шудааст. «Ӯзбекистон ҳамеша барои муколама ва шарикӣ дар роҳи беҳбудии умумӣ ва рушди «сабз» омода аст», гуфт саркори кишвар дар фуроварди сухан.

Мафҳуми «сабз» ба қалби мо ошност, обод ва хуррамсозии диёр яке аз вазифаҳои устувор дар назди ҳукумат ва мардуми ободгари мост. Ҳануз моҳи ноябри соли 2021 Президент барои амалӣ гардондани боз як падидаи нек – сабз гардонидани ҳар гӯшаи ин сарзамин ташаббус нишон дод ва ба Барномаи умумимиллии «Макони сабз» асос гузошта буд. Дар давоми ду сол бештар аз 1,2 ҳазор гектар майдони дар собиқ бекорхобида ба боғ ва паркҳои ҷамоатӣ табдил дода шуд. Ҳудудҳои сабз бошанд, дар давоми соли 2024 боз фарогиртар шуданд. Аз ҳама муҳимтараш дар ҷамъият муносибат ба модар-табиат, ки ҳамеша ба парвариш навозиш ниёз дорад, тағйир ёфт.

Ин хуб, вале корҳое, ки дар ин самт бояд ба иҷро расонда шаванд, ҳоло зиёд. Лозим аст шавқи хурдсолонро ба ниҳолшинонӣ ва хуррамсозии гирду атроф хеле барвақт бедор созем. Талқин созем тавре ба кӯдак муносибат менамоем, ба ниҳолҳо муносибат созем, зеро ниҳолакон ба парвариш нигоҳубин хеле муҳтоҷ...

Дигар, ниҳолшинонӣ ва саҳм дар барпои «Макони сабз» кори умумихалқист – бояд дар он аз ҳафтсола то ҳафтодсола муташаккилона иштирок намоянд. Ин гуна корҳо, воқеан, ҷанбаҳои ахлоқӣ низ доранд. Чи хурд ва чи бузург бояд ба ин гуна амалҳои нек ва хайру савоб назари нек дошта бошанд, ба модар-табиат фарзанди хуб ва меҳрубон будани худро ба тасбит расонанд.

Алӣ Муҳаммадхон ПӮЛОДӢ,
собиқадори меҳнат аз ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.

Дар давраи тараққиёти рӯҳиву маънавии асримиёнагии Осиёи Марказӣ аз Хуросон омада, дар Бухоро мактаби тасаввуфро кушодани Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ аз тарафи шогирдонаш ба арзи ҳастӣ кардани се равия асос гузошт, ки ин равияҳо тариқати Нақшбандия, Яссавия ва Кубравия буданд.

«ХОҶА», «ОТА» Ё «АТО», Ё ХУД «ШАЙХ»...

Дар мактаби Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ шогирдон Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ, Хоҷа Аҳмади Яссавӣ ва Наҷмиддини Кубро якҷоя таълим гирифта, ҳамчун ҳосилаи таҳсил равияҳои мустақилро тартиб додаанд, ки айни ҳол дар тамоми ҷаҳон пайравонаш ҳастанд ва барои донистани тафриқаи онҳо чунин мафҳумҳоро ба истеъмол дохил кардаанд. Пеш аз ном бурдани пайравони тариқати Нақшбандия ба номашон албатта нисбаи «Хоҷа»-ро истифода мебаранд. Аз ин сабаб ин тариқатро то Баҳоуддин «Тариқати Хоҷагон» ва пирони онро ба тариқи Хоҷа Абдулхолиқ, Хоҷа Ориф, Хоҷа Шарофуддин, Хоҷа Андақ, Хоҷа Азизон, Хоҷа Саид Амири Кулол ном бурдаанд. Дар байни пайравони ин тариқат аз мардуми одӣ сар карда то ҳукмдорон ба назар мерасанд.

Ҳукмдорони зиёд, ки пайравони ин равия буданд, аз ҷумла Субҳонқулихон, Убайдуллохон, Темуриён, Шайбониён, Манғитиён макони охирини худро дар тарафи ғарбии қабри ҳазрати Баҳоуддин бино кардаанд, ки то ба имрӯз побарҷост. Ҳар касе, ки ба нияти зиёрати қабри ин бузургвор меравад, аввал назараш ба «Дахмаи шоҳон» афтода, даст ба дуо мебардорад, ки мақсад дар ин макони табаррук манзили охирини худро интихоб кардани ҳукмдорон низ маҳз аз ҳамин иборат буд.

Ба номи пайравони тариқати «Яссавия» бошад, пасоянди «ато»-ро ҳамроҳ намуда, ба забон меоранд. Масалан Саидато, Чаманато, Мискинато, Зангиато ва ғайра. Пайравони ин тариқат бо чорводорӣ бори умр кашида, асосан бо қироати шоҳбайту ғазалҳои Аҳмади Яссавӣ байни мардум гашта, дар дашту саҳроҳо бештар умргузаронӣ кардаанд. Дар байни пайравони ин тариқат низ аз касони одӣ сар карда, то шоҳон ба чашм мерасанд, аз ҷумла Амир Темур чун арзи ихлос баҳри ободии марқади ин пири тариқат ба ободиҳо даст задааст, ки имрӯз ҳам бинандаро ба ҳайрат мегузорад. Шоири дарвеш Шоҳ Машраби Намангонӣ намояндаи машҳуртарини ин тариқат буд. Бо ивазшавии давру даврон авлодони Хоҷа Аҳмади Яссавӣ пеш аз истилои Русия ба Ҳиндустон кӯч бастанд.

Дар як нишастамон нависандаи шодравони бухоroӣ Нусратулло Наимов бо ҳасрат гуфта буд:

— Солҳое, ки чун мухбири вилоятии рӯзномаи «Совет Ӯзбекистони» фаъолият доштам, ба идораи Амнияти бехатарии давлатӣ ҳонда гуфтанд, ки ба мо то пагоҳ авлодони бухороии Хоҷа Аҳмади Яссавиро пайдо мекунӣ. Падаркалони модарам ба ин авлод вобастагӣ дошт. Аз ин хешу таборамон ҳар сол то «инқилоб»-и Бухоро ба оилаи мо чизе аз назру вақфияҳо омада мерасид. Рости гап, ман тарсида, ба онҳо ҳарфе нагуфтам ва баъдтар «Насабнома» – шаҷараи оилаамонро навишта, дар он бархе аз хотираҳои модарамро ҷой додам...

Ҳарчанд равияи Кубравия дар Бухоро ба вуҷуд омада, дертар дар Хоразм маъмул гашт, то имрӯз низ дар Бухоро пайравони худро дорад. Пеш аз истилои Хоразм аз тарафи муғулҳо шогирди Шайх Наҷмиддини Кубро — Сайфиддини Бохарзӣ бо рухсати устоди худ ба Бухоро омада, ба муборизаи зидди истилогарони муғул сарварӣ менамояд ва дар давраи минбаъдаи чингизиён бо номи ҳазрати Шайх ул-олам Сайфиддини Бохарзӣ машҳур мегардад. Мисли ин аз ном бурдани пайравон ё худ пирони ин тариқат нисбаи «шайх»-ро ба забон меоранд, монанди Шайх Наҷмиддини Кубро, Шайх Сайфиддини Бохарзӣ, Шайхи Шиблӣ ва ҳоказо.

Хулоса, гуфтанӣ ҳастам, ки мардуми мо вориси онҷунон таърихи ғанианд, ки олимон омӯхтанду меомӯзанд. Дар Туркманистон, Хоразм, Бухоро манзилу маконҳои ҳамном зиёданд, инчунин дар Бухорои қадим ва мавзеъҳои гирду атрофи он зиёратгоҳҳои муқаддаси исломиву тоисломӣ, мисли масҷиди Мағоки Аттор, Бурқи Сармасти Худо, Бибикабудпуш, Чилдухтарон ва ғайра ҳастанд, ки бояд таърихи он пурратар омӯхта шаваду мардум аз он баҳрабардор гарданд.

Алимурод ТЕМИРОВ,
эксперти оид ба масъалаҳои таърихии телевизиони давлатии Бухоро.

Чунин ном дошт чорабиние, ки ба 100-солагии таъсиси «Овози тоҷик» дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 11-уми ноҳияи Сӯх доир гардид. Дар он омӯзгорон ва донишомӯзони ин дабистон ширкат варзиданд.

ИФТИХОРИ МИЛЛАТ

Директори мактаб Ҳабибҷон Ҷӯраев дар бораи таърихи рӯзномаи «Овози тоҷик» маълумот ироа намуд. Вай аз ҷумла гуфт, ки 100 сол муқаддам ин рӯзномаи пурбаҳову пурмуҳтаво арзи вуҷуд намуда, то кунун ҳамчун минбари ягонаи мардуми тоҷики Ӯзбекистон фаъолияташро идома медиҳад.

– «Овози тоҷик» нашрияест, ки ба ифтихори миллати мо табдил ёфтааст. Дар ҳамин ҳол он яке аз тарғиботгари сиёсати хирадмандонаи Президент Шавкат Мирзиёев ва қарорҳои ҳукумати ҷумҳурӣ мебошад. Гузашта аз ин, мубаллиғ ва нигаҳдорандаи забону фарҳанг ва расму ривоҷи мардуми мо маҳсуб меёбад. Муштариёни он аз маводи пухтаву гуногунматолиби он баҳраманд мегарданд, – изҳор намуд Ҳабибҷон Ҷӯраев.

Ба гуфтаи хабарнигори рӯзномаи «Овози тоҷик» дар вилояти Фарғона Мирасрор Аҳроров соли даҳум аст, ки дар он фаъолият мекунад. Матолибе, ки ба қалами вай мансубанд, бештар пешрафтҳои соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла ноҳияи Сӯх, дастовардҳои кормандони истеҳсолоти ҷабҳаҳои гуногун, соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва амсоли онро инъикос менамоянд.

Дар идома аъзои маҳфили «Навқалам»-и мактаб дар васфи рӯзнома шеърҳоеро қироат карданд, ки адибони гуногун эҷод кардаанд. Инчунин ҳарф-ҷадвале, ки ба ифтихори 100-солагии «Овози тоҷик» таҳия гардидааст, мавриди ҳаллу хонапурӣ қарор гирифт. Хосатан донишомӯзони синфҳои 6-уми «А», «Б» ва «В» дар ин мусобиқа хеле маҳорат ҳуб нишон доданд. Дар охир ғолибият насиби донишомӯзони синфи 6-уми »В» дониста шуд.

Ногуфта намонад, ки баромади Райҳона Мирзоева, Мубинахон Баротҷонова, Фариштамоҳ Олимҷонова, Меҳрона Йигиталиева, Ҳоҷихон Мунавварова, Орифхӯҷа Ҳалимов, Мутриббек Мастонов лоиқи таҳсин гардид. Онҳо дар баробари он ки иштирокчиёнро бо матолиби ҷолиби «Овози тоҷик» ошно намуданд, дар қироати шеърҳо маҳорати хос нишон доданд.

Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ,
омӯзгори мактаби таҳсилоти умумии рақами 11-уми ноҳияи Сӯх.

БУЗУРГДОШТИ ҶОМӢ

Ба муносибати бузургдошти 610-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар мактаби ҳамагонии 7-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё бо дастгирии роҳбарияти мактаб, хусусан саъю кӯшиши ҷонишини директор Маҳкам Ҷаъфаров чорабинии адабии хотирмон баргузор гардид.

Дар чорабинӣ ба ғайр аз донишомӯзон ва омӯзгорон адиби зуллисонайн, узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Чоршанбеи Деҳнавӣ, нависанда Шерзод Саидов, овозхон Саъдулло Беков ва дигарон ширкат варзиданд.

Дар чорабинӣ намунаҳо аз ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ қироат карда шуданд.

Чоршанбеи Деҳнавӣ вобаста ба чорабинӣ фикру андешаҳои хешро изҳор намуда, аз рӯзҳои донишҷӯйии худ лавҳаҳои хотирмонро ёдовар кард.

Саъдулло Беков бо сурудҳои дилнишин табъи ҳозиринро болида сохт.

Дар охир ба меҳмонон ва иштироккунандагони чорабинӣ аз ҷониби раёсати мактаб туҳфаҳои хотирмон супурда шуд.

Д. НЕЪМАТОВ.

Вилояти СУРХОНДАРЁ.

Варзиш

ДАСТАИ ФУТБОЛИ «БУХОРО» – БОЗ ДАР СУПЕРЛИГА

Маълум аст, ки дастаи футболи «Бухоро» суперлигаро тарк намуда буд. Вай як соли расо таҳти роҳбарии сармураббӣ (футболбози собиқи ҷамоа) Улуғбек Бақоев ба умеди бозгашт ба суперлига бо азми қавӣ ва боварии комил қувваозмоиҳои пролигаро бомуваффақият гузаронида, ниҳоят комёб гардид ва пеш аз муҳлат ба роҳхати суперлига соҳиб шуд.



Гуфтан ҷоиз аст, ки бо сабабҳои гуногун: аввал номувофиқии шароити варзишгоҳи «Бухоро» бошад, сонӣ мувофиқи татбиқи лоиҳаи нав аз байн рафтани он футболбозони «Бухоро»-ро маҷбур кард, ки бештар аз ду мавсим вохӯриҳоро дар варзишгоҳи «Баҳром Вафоев»-и шаҳри Муборак (вилояти Қашқадарё) ва мусобиқаҳои мизбоними-ро дар Тошканд гузаронанд.

Хушбахтона, дар ҳудуди маҷмӯи варзиши «Тӯқимачи»-и собиқи шаҳри Бухоро варзишгоҳи нави Академияи футболи минтақавии Бухоро барои 10 ҳазор нафар тамошобин дар муддати кӯтоҳ бунёд гардид. Баъди танаффуси тӯлонӣ бухориён метавонанд дар ин ҷо аввалин қувваозмоии расмӣ – вохӯрии 27-уми пролигаро байни ҷамоаҳои «Бухоро» – «Арал» 22 ноябр тамошо кунанд.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 4180. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.